**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаи фаъолият дар моҳҳои январ – июни соли 2017)**

***Душанбе – 2017***

**ЭЪТИЛОФИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ БАР ЗИДДИ ШИКАНҶА ВА БЕҶАЗОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**(натиҷаи фаъолият дар нимсолаи аввали соли 2017)**

***Муаллиф – таҳиягар: Нигина Баҳриева***

Ҳисоботи мазкур дар асоси маълумоту иттилооте, ки аз ҷониби ташкилотҳои аъзои Эътилофи зидди шиканҷа пешниҳод гардидаанд, таҳия карда шудааст.

Дар таҳияи бобҳои ҳисобот шахсони зерин саҳмгузоранд: Нигина Баҳриева, Наҷиба Ширинбекова, Парвина Наврузова, Таҳмина Ҷураева, Гулчеҳра Раҳмонова, Шоира Давлатова.

**МУНДАРИҶА**


| | | Саҳ. |
|---|---|---|
| | **Муқаддима** | |
| **1** | Сохтори Эътилоф | **…** |
| **2** | Фаъолияти Эътилоф дар соли 2017 | **…** |
| **2.1.** | Фаъолияти гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **…** |
| **2.2.** | Ҷорӣ намудани системаи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона | **…** |
| **2.3.** | Кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ | **…** |
| **2.4.** | Ҷорӣ намудани Принсипҳои Истамбул ҷиҳати самаранок анҷом додани тафтишоти тиббӣ ва ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | **…** |
| **2.5.** | Фаъолияти таҳлилӣ ва пешбарӣ кардани тавсияҳои эътилофи озодӣ аз шиканҷа (эдвокасӣ) | **…** |
| **2.6.** | Интишор кардани проблемаи шиканҷа дар воситаҳои ахбори омма | **…** |

**РӮЙХАТИ ИБОРАҲОИ ИХТИСОРШУДА**

АНМ – Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
ДНДҲИ – Дафтар оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон
ИҲИРҚ– Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният
ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
КДАМ – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон
СРИҶҶ – Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ
ГЁҲ – Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ
ГО – Гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо
ИА – Иттиҳоди Аврупо
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВАО – Воситаҳои ахбори омма
ТСТ – Ташхиси судии тиббӣ
КҲИ – Кумитаи ҳуқуқи инсони Созмони милали муттаҳид
ШИМ – Шахси имконияташ маҳдуд
ВКД – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВКХ – Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон
КБСС – Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх
ВМ – Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
СБҒ – Созмони байналмилалии ғайриҳукуматӣ
ҲБҲИ – Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон
ИБМ – Ислоҳоти байналмилалии маҳбас
ВА – Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
ТҒҲ – Ташкилоти ғайриҳукуматӣ
МПМ – Механизми пешгирикунандаи миллӣ
ТҶ – Ташкилоти ҷамъиятӣ
САҲА – Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо
ШВКД – Шӯъбаи вазорати корҳои дохилӣ
СММ – Созмони Милали Муттаҳид
ФҶ – Фонди ҷамъиятӣ
БРСММ – Барномаи рушди СММ
НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ
ТТ – Тавқифгоҳи тафтишотӣ
ПИ – Протоколи Истамбул
ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
ИҶК БМ – Институти «Ҷамъияти Кушода» – Бунёди Мадад
ТНМ – Тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ
ДИ ПҶТ – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
МИ – Муассисаи ислоҳӣ
ИКОҲИ – Идораи Комиссари Олӣ оид ба ҳуқуқи инсон
КМҶ – Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ
ТДУ – Тафсири даврии универсалӣ
ВҲИ – Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон

ПИКЗШ – Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа
ОМ – Осиёи Марказӣ
ЮНИСЕФ – Хазинаи кӯдакони СММ
**Ибораҳои ихтисоршудаи забони англисӣ**
USD – доллари ШМА
DCAF – Маркази назорати демократии Қувваҳои Мусаллаҳ
DFID – Департамент оид ба рушди байналмилалӣ
ABA/ROLI – Ассотсиатсияи Амрикоии Ҳуқуқшиносон/ Ташаббус вобаста ба волоияти қонун
NED – Фонди миллии рушди демократия

**МУҚАДДИМА**

Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон (минбаъд дар матн – Эътилоф) моҳи сентябри соли 2011 ҷиҳати муттаҳид сохтани кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳри мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст. Аз он вақт инҷониб Эътилоф ба сохтори мутаносибан фаъолияткунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфт, ки ҳам дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ эътироф карда мешавад. Эътилоф барои тамоми аъзоён ва шарикон заминаи муҳим ва муҳити бехатар маҳсуб меёбад, ки дар доираи он метавон кӯмаку дастгирӣ, маслиҳат ва машварати касбиро гирифт, сатҳи тахассуси худро баланд бардошт, саъю кӯшишҳоро ҷиҳати боз ҳам самараноктар таъсир расондан муттаҳид сохт ва назди шахсоне, ки қарорҳо қабул мекунанд, ҷабрдидагон ва донорҳо бо як овоз баромад намуд. Шаффофияти фаъолият ва ахлоқи касбӣ дар фаъолияти Эътилоф принсипҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Аъзо ва шарикони Эътилоф ташкилотҳои ғайриҳукуматии пешқадаму дорои таҷрибаи чандинсола мебошанд, ки онҳоро ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ кӯмаку дастгирӣ менамоянд ва онҳо ҷиҳати бурдани гуфтушунидҳо ва муколама бо ҳукуматдорони ҷумҳурӣ  дорои имконияту шароитҳои дахлдор мебошанд, бо воситаҳои ахбори омма, ки дар пешбурди фаъолияти мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ нақши калидиро мебозанд  робитаҳоро мустаҳкам менамоянд. Эътилоф дар оғоз намудани муҳокимаи ҷамъиятӣ вобаста ба масъалаи ҳолатҳои шиканҷа мусоидат намуд ва доир ба вазъи ҳолати ҷойдоштаи сатҳи инфиродӣ (кор бевосита бо ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо) ва сиёсӣ (таҳлили сиёсат, иштирок дар пешбарии сиёсат) фаҳмиши хуб дорад ва барои пешбарӣ кардани тавсияҳои худ аз механизмҳои миллӣ ва байналмилалӣ самаранок истифода менамояд.

Эътилоф торнамои худро дорад, ки суроғаи он чунин аст www.notorturetj.org www.notorture.tj ва он воситаи фарогири иттилоотии марбут ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар Тоҷикистон мебошад, ки аз он метавон мақолаҳои дахлдори ВАО, ҳуҷҷатҳои барномавӣ, натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқҳо, мусоҳиба ва дигар маълумоту иттилооти заруриро дастрас намуд. Инчунин Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоии зерин саҳифаҳои худро дорад: Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/, Google+:https://plus.google.com/107767311153916349012, дар Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj, дар “Телеграмм” – t.me/notorturetj, дар Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj – rcJZqtw ва дар Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture – tj.

## 1. СОХТОРИ ЭЪТИЛОФ

Ба ҳолати 30 июни соли 2017 аъзо ва шарикони Эътилоф 11 ташкилоти ҷамъиятӣ ва 8 шахсони инфиродӣ ташкил медиҳанд:

1. ТҶ «Апейрон»
2. ТҶ «Анҷумани ҳуқуқшиносони Помир»
3. ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
4. ТҶ «Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон»
5. Фонди ҷамъиятии «Нотабене»

6. ТҶ «Солимии ҷамъият ва ҳуқуқи инсон»
7. ТҶ «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»
8. ТҶ «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»
9. Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
10. ТҶ «Имкониятҳои баробар»
11. ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон»
12. Аскар Турсунов, адвокат
13. Аҳлиддин Салимов, рӯзноманигор
14. Наргис Ҳамробоева, рӯзноманигор
15. Фазлиддин Хоҷаев, рӯзноманигор
16. Ойниҳол Бобоназарова, коршиноси мустақил
17. Умед Ниёзов, адвокат
18. Гулчеҳра Холматова, адвокат
19. Абдураҳмон Шарипов, адвокат

### 1.1. Гурӯҳҳои корӣ ва мақомоти роҳбарикунанда:

1. **Шӯрои Эътилоф** – ҳама аъзоён ва шарикони Эътилоф
2. **Ҳамоҳангсози Эътилоф** – Нурмаҳмад Халилов, Маркази ҳуқуқи инсон
3. **Маркази таҳлилӣ** – Нигина Баҳриева, Фонди ҷамъиятии «Нотабене»
4. **Гурӯҳ оид ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ** – Таҳмина Ҷураева, Ташкилоти ҷамъиятии «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният»
5. **Гурӯҳи кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ** – Наҷиба Ширинбекова, Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳуқуқ ва беҳбудӣ» (дар асоси Низомнома амал мекунад)
6. **Гурӯҳи офиятбахшӣ** – Гурчеҳра Раҳмонова, Фонди ҷамъиятии «Ташаббуси ҳуқуқӣ»
7. **Гурӯҳи медиавӣ (расонаӣ)** – Шоира Давлатова, Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази мустақили ҳифзи ҳуқуқи инсон» (дар асоси Стратегия амал мекунад)
8. **Гурӯҳ оид ба беҳбудӣ** – Дилрабо Самадова, «Дафтари озодиҳои шаҳрвандӣ»

## 2. ФАЪОЛИЯТИ ЭЪТИЛОФ ДАР МОҲҲОИ ЯНВАР – МАРТИ СОЛИ 2017

Дар семоҳаи якуми соли 2017 фаъолияти зерин анҷом дода шуд:

- 38 ҳолати нави мавриди шиканҷа ва муносибати бераҳмона қарор гирифтани шаҳрвандон ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд, вобаста ба 36 ҳолати шиканҷа ва муносибати бераҳмона кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод гардид, ки аз онҳо 20 парвандаи нав ва 16 парвандаи солҳои қаблӣ мебошанд, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони Эътилоф бурда мешуданд.
- Эътилоф дар бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ ҷои намоёнро ишғол мекунад, таҷрибаи судии ҷорӣ намудани амалияи аз ҷониби давлат ба таври дуруст ҷуброн гардидани товони зарари ба ҷабрдидагони шиканҷа ва хешовандони онҳо расонидашударо зиёд менамояд. Аз ҷониби ташкилотҳои аъзо ба таври фаъолона ҷамъоварӣ шудани далелҳо, ҷалби коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ оид ба арзёбии товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони

ҳолатҳои шиканҷа/хешовандони онҳо анҷом дода мешавад, дар рафти мурофиаи судӣ нуқтаи назари «Амикус» – ро мавриди истифода қарор медиҳанд. Бори аввал дар таҷрибаи Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ аризаҳои шикоятӣ оид ба ҷуброн шудани товони зарари маънавӣ барои ба таври дурусту самаранок анҷом дода нашудани тафтишот тартиб дода шуданд. Дар нимаи аввали соли 2017 вобаста ба 2 парванда қарорҳо доир ба ҷуброн шудани товони зарар бароварда шуд, ки аз рӯи онҳо шикоят оварда шуд; вобаста ба 4 парванда корҳо оғоз карда шуданд: 3 парванда ба суд пешниҳод шудааст ва натиҷаи баррасии судии онҳоро интизорем, аз ҷумла 2 парванда – марбут ба рӯёнидани товони зарари маънавӣ барои ба таври дуруст ва самаранок анҷом дода нашудани тафтишот: 13 парванда дар марҳилаи омодашавӣ қарор доранд.

- 24 нафар аз офиятбахшӣ гузаштанд, ки 14 нафари онҳоро мардон ва 10 нафарро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии ҷабрдидагон 15 нафар – ҷабрдидагони бевоситаи ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мебошанд, боқимонда 9 нафар – аъзоёни оилаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона. Панҷ нафар ҷабрдидаро ноболиғон ташкил доданд.
- Ташкилотҳои аъзои Эътилоф аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ мебошанд, ки назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон таъсис дода шудааст. Дар нимсолаи соли 2017 гурӯҳи мазкур аз панҷ муассисаи пӯшидаву нимпӯшида ва се қисми низомӣ боздид намуд.
- Эътилоф мониторинги аз ҷониби Тоҷикистон иҷро шудани ӯҳдадориҳои худ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷаро анҷом медиҳад, ба мақомоти СММ гузоришҳои алтернативӣ омода месозад, инчунин ҳангоми муколамаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар чораёни пешбарӣ намудани озодӣ аз шиканҷа фаъолона иштирок мешкунад. Дар давоми давраи ҳисоботӣ ташкилотҳои аъзои Эътилоф дар муҳокимаи лоиҳаи Нақшаи миллии амал оид ба татбиқи тавсияҳои марҳилаи дуюми Тафсири даврии универсалӣ, тафсири даврии сеюми ҶТ оид ба чораёни татбиқи Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ иштирок намуданд ва ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар барои қабул кардани рӯйхати саволҳо ба тафсири даврии сеюми ҶТ доир ба чораёни татбиқи Конвенсияи зидди шиканҷа маълумот таҳия намуданд.
- Эътилоф дар давоми давраи ҳисоботӣ дар ВАО доир ба ҳолатҳои алоҳидаи шиканҷа зиёда аз 265 маводи иттилоотӣ – таҳлилиро нашр намуд, аз ҷумла вобаста ба масъалаи озодӣ аз шиканҷа, 4 ҷадвали иттилоотӣ, 8 шарҳи матбуотӣ, 4 маводи мултимедӣ таҳия намуд, бахши (рубрика) нави «Ман ҳомии ҳуқуқам» – ро ташкил намуд, бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ва бо ҳайатҳои намояндагони (делегатсия) расмии дигар кишварҳо вохӯрӣ ва брифингҳо баргузор намуд.
- Аз ҷониби Эътилоф доир ба ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда 15 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд, ки дар онҳо 620 нафар иштирок карданд – кормандони мақомоти корҳои дохилии шаҳри Душанбе, НТҶ, вилояти Хатлон ва ВМКБ.

**Ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ.** Эътилоф ба ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба масъалаи пешбарӣ намудани тағйиротҳои системавӣ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Дар ин самт Эътилоф бо Раёсати кафолатҳои

ҳуқуқи инсони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои пешбарӣ намудани тавсияҳои мақомоти СММ оид ба озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона; бо Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои мониторинги ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ; бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ вобаста ба масъалаҳои пешбарӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул ҳамкорӣ менамояд. Айни замон Эътилоф кӯшиш менамояд, то ки бо Прокуратураи Генералии ҶТ ва Суди олии ҶТ ҳамкориҳо ба роҳ монда шаванд.

**Таҳияи гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2016.** Дар давоми моҳҳои январ – феврали соли 2017 гузориши солонаи Эътилоф барои соли 2016 таҳия карда шуд. Гузориш ба забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ тарҷума шуда, дар торнамои Эътилоф бо се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) ҷойгир карда шуда аз ҷониби Идораи САҲА дар Тоҷикистон нашр карда шуд. Гузориш байни доираи васеи шахсон ҳангоми машварати миллӣ доир ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа, ҷаласаҳои иттилоотӣ паҳн карда мешавад.

**Ҳисоботҳои семоҳаи Эътилоф дар соли 2017.** Мақсади асосии таҳияи ҳисоботҳои семоҳа аз мониторинги ҷараёни татбиқи фаъолияти самтҳои алоҳидаи фаъолияти Эътилоф, бартараф кардани проблема ва мушкилоти бамиёномада, аз ҷумла ба таври самаранок ба нақша гирифтани корҳо барои моҳҳои минбаъда иборат мебошад. Ҳисоботҳои семоҳа нашр карда намешаванд.

**Ҷаласаи солонаи Эътилоф.** 17 – 18 марти соли 2017 дар маҷлисгоҳи Идораи САҲА дар Тоҷикистон ҷаласаи солонаи Эътилофи зидди шиканҷа баргузор гардид. Дар ҷаласа 41 аъзо ва шарикони Эътилоф ширкат варзиданд. Дар рафти ҷаласа натиҷаҳои фаъолияти Эътилоф ва гурӯҳҳои кории алоҳида муҳокима карда шуданд, интихоби роҳбарони гурӯҳҳои корӣ гузаронида шуд.

**Маҷмӯи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа.** Маводи мазкур соли 2016 аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ таҳия шуда аз ҷониби Идораи САҲА дар Тоҷикистон ба миқдори 900 адад бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр карда шуд. Маводи мазкур ҳангоми гузарондани ҷаласаҳои иттилоотӣ байни иштироккунандагон тақсим карда шуд. Айни замон ба маҷмӯи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, намунаҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ илова карда шуданд ва он дар таҳия нав нашр хоҳад шуд.

**Муаррифиҳои (презентатсия) Эътилоф ва гурӯҳҳои корӣ.** Дар моҳҳои апрел – июни соли 2017 муаррифиҳои гурӯҳҳои кории Эътилоф таҳия шуда ба забони тоҷикӣ тарҷума карда шуданд: 1. Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон; 2. Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ; 3. Гурӯҳи мониторингӣ; Гурӯҳи офиятбахшӣ; 5. Гурӯҳи медиавӣ (расонаӣ); 6. Лоиҳаи пешбарӣ намудани Протоколи Истамбул. Маводҳои номбурда дар торнамои Эътилофи зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон http://www.notorturetj.org/about/vsyo – o – koalicii – v – prezentaciyah дастрас карда шудаанд.

**Тренинг оид ба беҳбудии аъзоёни Эътилоф 12 – 14 январи соли 2017, Бишкек.** Тренинг оид ба таҳкими иқтидори техникӣ ва беҳбудӣ 12 – 14 январи соли 2017 аз ҷониби коршиносони Civil Rights Defenders гузаронида шуд, ки дар он 16 нафар намояндагони

Эътилоф иштирок карданд. Дар рафти тренинг ба иштироккунандагон восита ва усулҳои паст кардани стресс, усулҳои риоя кардани бехатарӣ дар ҷараёни кор, таъмини бехатарӣ ҳангоми суҳбат кардан бо муроҷиаткунандагон, пешниҳод намудани маълумоту иттилооти сифатнок ба журналистон, инчунин доир ба дигар масъалаҳои марбут ба беҳбудии (амнияти) ҳомиёни ҳуқуқ омӯзонида шуд.

**Харидории таҷҳизот.** Давоми давраи ҳисоботӣ бо кӯмаку дастгирии молиявии Amnesty International барои ташкилотҳои аъзои Эътилоф таҷҳизоти иловагӣ дар шакли аккумуляторҳои мухтор (автономӣ) ва тасбитгари шиддат (стабилизатор) харидорӣ карда шуд. Таҷҳизоти мазкур имкон медиҳад, то ки кори дурусти камераҳои назоратии ташкилотҳо сарфи назар аз номураттабии таъмини қувваи барқ кафолат дода шавад. Тасбитгарҳои (стабилизатор) иловагӣ низ бехатарии таҷҳизоти коргоҳҳоро ҳангоми рух додани камбудиҳо дар таъмини қувваи барқ таъмин хоҳанд кард. Моҳи март таҷҳизотҳои мазкур аз ҷониби мутахассисони IT санҷида шуда, насб карда шуданд.

**Ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳҳои кории Эътилоф.** Эътилоф ба масъалаи робита ва ҳамкориҳои дохилӣ аҳамияти зиёд зоҳир менамояд. Бо ин васила бо мақсади муҳокимаи масъалаҳои ҳамкорӣ байни гурӯҳҳои корӣ як силсила вохӯриҳои ҳамоҳангсозӣ гузаронида шуд, аз он ҷумла доир ба таҳияи нақшаи ягонаи амалиётҳои Эътилоф.

**Лоиҳаи Фонди Зигрид Раузинг.** Аз 1 июни соли 2017 Эътилоф аз ҳисоби маблағҳои Фонди Зигрид Раузинг ба муҳлати се сол маблағгузорӣ карда шуд. Лоиҳа ҷиҳати дастгирӣ намудани гурӯҳҳои кории Эътилоф баҳри татбиқ намудани фаъолият дар соҳаи мубориза бар зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон равона гардида тариқи Фонди ҷамъиятии «Нотабене» амалӣ карда мешавад. Аз шумораи аъзоён ва шарикони Эътилоф Комиссия оид ба баррасии дархостҳо дар доираи лоиҳа таъсис дода шуд. Амалишавии лоиҳа аз 1 июли соли 2017 ба нақша гирифта шудааст.

## 2.1. ФАЪОЛИЯТИ ГУРӮҲИ КОРӢ ВОБАСТА БА МОНИТОРИНГИ ҶОЙҲОИ МАҲДУД ВА МАҲРУМИЯТ АЗ ОЗОДӢ

Гурӯҳи корӣ вобаста ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ дар доираи афзалиятҳои стратегии Эътилоф таъсис дода шуда назди худ **мақсад мегузорад**: а) пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани Протоколи иловагӣ ба Конвенсияи зидди шиканҷа ва таъсис додани механизми миллии пешгирикунанда, б) таъсис додани механизми мониторинги мустақили ҷамъиятии ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ.

Соли 2017 муҳлати эътибори ваколатҳои гурӯҳи мониторингӣ ба охир расид. Ҳайати нави гурӯҳ тасдиқ карда шуд, ки ба он ҳам аъзоёни пештараи гурӯҳ ва ҳам намояндагони нави ташкилотҳои аъзои Эътилоф дохил карда шуданд.

17 марти соли 2017 Ҳамоҳангсози гурӯҳи мониторингӣ бо намояндагони Penal Reform International вохӯри баргузор намуд. Penal Reform International ҷиҳати амалӣ намудани фаъолияти гурӯҳи мониторингӣ кӯмаку дастгирии худро пешниҳод намуд. Қайд карда шуд, ки дар соли 2017 гурӯҳи мониторингӣ дастгирӣ карда хоҳад шуд ва бо тавсияи онҳо бо Ваколатдор ҷиҳати дида баромадани

эҳтиёҷот ва самтҳои муштараки фаъолият дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории назди ВҲИ вохӯрӣ баргузор карда мешавад. Инчунин Penal Reform International ба гурӯҳи мониторингӣ барои анҷом додани мониторинг дар ҷойҳои маҳрумият ва маҳдудият аз озодӣ ҳамчун тӯҳфа 5 бастаи дастгоҳҳоро тақдим намуд, ки ба онҳо дастгоҳҳо барои санҷидани намнокӣ ва ҳарорати бино, ченкунии масоҳати утоқҳо/камераҳо ва дастгоҳи суратгирӣ дохил мешаванд.

**Нақшаҳои корӣ барои соли 2017.** Дар давраи ҳисоботӣ барои гурӯҳҳои Корӣ ва Мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон Нақшаҳои корӣ таҳия карда шуданд. Нақшаҳои корӣ фаъолияти гурӯҳҳоро вобаста ба идома додани боздидҳо ба ҷойҳои маҳрумият ва маҳдудият аз озодӣ, таҳкими иқтидори аъзоёни гурӯҳҳои Корӣ ва Мониторингӣ, гузарондани чорабиниҳои иттилоотӣ – фаҳмондадиҳиро фаро мегиранд. Ҳамчунин омодакунии таҳлили мутобиқатии қонунгузории миллӣ ба стандартҳои Протоколи иловагӣ (ПИ) ба КЗШ ва асосноккунии молиявӣ – иқтисодии ҳамроҳшавӣ ба ПИ ба КЗШ; таҳияи китобчаҳо дар шакли саволу ҷавобҳо барои кӯмак ба маъмурияти ҷойҳои маҳрумият ва маҳдудият аз озодӣ дар назар дошта шудааст. Илова бар ин, бо мақсади мубодилаи таҷриба таъсис ва амалӣ намудани НПМ барои аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва мониторингӣ ташкил кардани сафари омӯзишӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Ҷаласаи кории Гурӯҳи корӣ оид ба пешбарӣ намудани ба тасвиб расондани ПИ ба КЗШ, 12 майи соли 2017.**



Дар вохӯрӣ аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва гурӯҳи мониторингӣ ширкат варзиданд. Дар рафти ҷаласаи мазкур масъалаҳои зерин муҳокима гардиданд:

– ҳисоботҳои пешакии гурӯҳи мониторингӣ оид ба боздидҳое, ки соли 2017 анҷом дода шуданд.
– натиҷаҳои пешакии таҳлили қонунгузорӣ ҷиҳати муайян кардани мутобиқатии ПИ ба КЗШ ва муҳокимаи модели нисбатан дурусти НПМ барои Тоҷикистон.
– таҷдиди назар намудани воситаҳо барои муассисаҳои психиатри (дар рафти ҷаласа қарор қабул карда шуд, ки барои гурӯҳ гузарондани тренинги иловагӣ зарур аст, ки дар рафти он метавонад воситаҳо коркард ва беҳтар гардонда шаванд)
– тавсияву пешниҳодҳо вобаста ба фаъолият ва кори минбаъда.

**Боздиди ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ панҷ боздид анҷом дода шуд:

– *Маркази психиатрии ноҳиявӣ дар ш. Кулоб – 14 – 15 марти соли 2017.*

Муассисаи мазкур соли 1936 сохта шудааст. Охирон маротиба он соли 2015 таъмир шудааст. Ҳолати муассисаи психиатрӣ дар ҳолати қаноатбахш қарор дорад. Дар лаҳзаи гузаронидани мониторинг дар бино бинобар проблемаҳо бо трансформатор қувваи барқ набуд. Рӯзи дуюм буд, ки дар бино қувваи барқ набуд. Бинобар набудани қувваи барқ насосҳои обкашӣ кор намекарданд ва системаи марказонидашудаи

обтаъминкунии бино кор намекард. Бо вуҷуди ин, дар бино мушкилоти вобаста ба оби обёрӣ ва об барои шустушу ба назар намерасид, зеро дар ҳавлии муассиса барои чунин ҳолатҳо систернаи ҳаҷмаш 30 тонна мавҷуд буд. Дар чунин ҳолатҳо оби ошомиданиро меоранд. Дар бино генератори нави қувваи барқ мавҷуд аст, ки барои ҳамаи биноҳо пешбинӣ шудааст, вале бинобар нарасидани маблағҳои буҷетӣ ноқилҳои махсусро харидан муяссар намешавад, то ки ин генератор ба кор дароварда шавад. Муассисаи психиатрии мазкур барои ҷойгир кардани 60 нафар бемор пешбинӣ шудааст. Дар лаҳзаи анҷом додани мониторинг дар он 35 нафар бемор ҷойгир карда шуда буданд, ки аз онҳо 20 нафарро мардон ва 15 нафарро занон ташкил медоданд.

– *Колония дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров* – 17 – 18 апрели соли 2017. Гурӯҳи мониторингӣ бо маъмурияти муассиса ва шахсони дар колония нигоҳдоштамешуда мусоҳиба гузаронд, аз он ҷумла мушоҳидаҳо анҷом дод ва хулоса бароварда шуд, ки муассисаи мазкур яке аз муассисаҳои намунавӣ ба ҳисоб меравад: шароити нигоҳдорӣ хуб, муроҷиатҳо ва шикоятҳо оид ба истифода шудани шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона ба қайд гирифта нашудааст.

– *Муассисаи психиатрии вилояти Суғд, Хуҷанд* – 19 – 20 апрели соли 2017. Муассисаи мазкур низ ҳамчун мусбӣ баҳогузорӣ карда шуд. Дар муассисаи мазкур шароити хуб фароҳам оварда шудааст: палатаҳо бе дар (беморони хашмгин нестанд), шароити фароғати беморон фароҳам оварда шудааст, хешовандон метавонанд бидуни маҳдудият ва бе иштироки кормандони муассиса бо беморон мулоқот кунанд.

– *Муассисаи (колонияи) илоҳии занона дар шаҳри Норак* – 27 – 28 апрели соли 2017. Муассисаи мазкур дар доираи фаъолияти минбаъда боздид шуд. Тақрибан тамоми тавсияҳо иҷро карда шуданд. Масалан, утоқи гинекологӣ ва умуман бахши тиббӣ бо таҷҳизоти нав муҷаҳаз гардонида шуд, маводҳои доруворииi зарурӣ таъмин карда шуданд. Вале ҳанӯз ҳам норасоии кормандони тиббӣ ба назар мерасад. Барои занон шароити фароғатӣ фароҳам оварда шудааст, курсҳои касбомӯзӣ ташкил карда шудааст, барои занони кӯдакдор шароити будубош фароҳам оварда шудааст, дар муассиса ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа ва дигар муносибати бераҳмона нисбати маҳбусон ба қайд гирифта нашудааст.

– *Маркази ҷумҳуриявии психоневрологӣ дар шаҳри Турсунзода* 2 – 3 майи соли 2017. Маркази ҷумҳуриявии психоневрологӣ дар шаҳри Турсунзода аз ду шӯъба иборат мебошад: шӯъбаи амбулаторӣ – дар шаҳри Турсунзода ва статсионарӣ – дар деҳаи Зарнисор. Ба гурӯҳи мониторингӣ дастрасӣ ба тамоми бинову утоқҳои МП, имконияти дар алоҳидагӣ бо беморон ва кормандони муассиса мулоқот кардан фароҳам оварда шуд. Дар муассиса китобхона нест, вале утоқи умумӣ бо телевизор ва бозии рӯи миззӣ (нарди) мавҷуд аст. Қайд карда шуд, ки дар ягон ҷои бинои муассиса лавҳаи иттилоотӣ, ки дар он ҳуқуқҳои беморон дарҷ гардида бошанд, мавҷуд нест. Инчунин ҳангоми ба муассиса ҷойгир кардани беморон ба онҳо ҳуқуқҳояшон фаҳмонда дода намешаванд. Ба беморон ҳамроҳи худ доштани телефони мобилӣ иҷозат дода намешавад ва дар худи муассисани телефони статсионарӣ мавҷуд нест.

## 2.2. ҶОРӢ НАМУДАНИ СИСТЕМАИ ОФИЯТБАХШИИ ҶАБРДИДАГОНИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА

Мақсади гурӯҳи офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо аз ҳадди имкон пешниҳод намудани кӯмаку дастгирӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа дар барқарор кардани мустақилият ва қобилияти ҷисмонӣ, рӯҳӣ, иҷтимоӣ ва касбӣ, аз ҷумла ҳамгироии пурраи иҷтимоии онҳо ва иштирок дар ҳаёти ҷомеа иборат мебошад.

**Пешравӣ дар сатҳи давлатӣ.** Айни замон гурӯҳ дар ҳамкорӣ бо намояндагони Гурӯҳи кории назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ оид ба ҷорӣ намудани принсипҳои Протоколи Истамбул ба системаи тандурустии Тоҷикистон масъалаи ба нақшаи корӣ ворид намудани масъалаҳои марбут ба системаи давалатии офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷаро муҳокима менамояд. Пешниҳод карда шуд, ки тренингҳо барои духтурони клиникаҳои хусусӣ доир ба омӯзонидани тартиби дурусти пур кардани варақаҳои таҳия ва тасдиқшудаи тиббӣ, ҳамкорӣ ва баланд бардоштани иқтидори кормандони иҷтимоии назди ВТҲИА (шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ), инчунин дар соли 2018 таҳия намудани Консепсия оид ба офиятбахшии ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва анҷом додани мониторинги сатҳи давлатӣ бо ҷалби коршиносони байналмилалӣ (таҳияи модели давлатӣ) гузаронида шаванд.

**Ҷаласаи ҳамоҳангсозӣ бо кормандони иҷтимоӣ** моҳи марти соли 2017 баргузор гардид. Ҷаласа ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии кормандони соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва расондани кӯмаку дастгирии иҷтимоӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё аъзоёни оилаҳои онҳо, мубодилаи таҷриба ва муҳокимаи корҳои ҷорӣ равона гардида буд.

**Кӯмаку дастгирӣ дар офиятбахшӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ барои гирифтани хизматрасонии офиятбахшӣ 24 нафар муроҷиат кард, ки аз онҳо 14 нафар мард ва 10 нафар зан. Аз шумораи умумии ҷабрдидагон 15 нафар шахсоне мебошанд, ки бевосита дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона зарар дидаанд, боқимонда 9 нафар хешовандони ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва/ё муносибати бераҳмона мебошанд. Панҷ нафар – ноболиғ. Як нафар аз гирифтани чунин ёрӣ даст кашид.

Нисбати 13 нафар аз 15 ҷабрдидае, ки бевосита зарар дидаанд шиканҷаи ҷисмонӣ истифода гардидааст: латукӯб бо бастани дасту пой, гузоштани қувваи барқ ба зери нохунҳои ангуштони дастон ва қисмати байни пойҳо, зарбаҳо ба қисмати сар, рехнати об, задани зарба ба гурда ва шикам, задани зарба тариқи гузоштани китоб ба қисмати шикам вас ар (фарқи сар), задани зарба ба қисмати рӯй, ки дар натиҷаи чунин амалҳо бинни шикаста шуд, зан низ дар қисматҳои гуногуни бадан латукӯб шуд, инчунин занро аз мӯи сараш гирифта рӯи фарш кашола карданд, ки дар натиҷа майнаи сари зан зарб хӯрд. Ду нафар ҷабрдида (мард) мавриди шиканҷаи равонӣ (психологӣ) ба монанди таҳдидҳо, ба таври шифоҳи таҳқир кардан, дашном додан қарор дода шуданд.

Хешовандони ҷабрдидагон бошанд зарари психологӣ гирифтанд, ки дар натиҷаи он дар 8 нафар ҷабрдида проблемаҳои дорои хислати тиббӣ ба вуҷуд омад.

Кӯмаку дастгирӣ дар шакли ёрии тиббӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ пешниҳод гардид. 23 ҷабрдида аз муоинаи тиббӣ гузаштанд, айни замон ба онҳо ёрии тиббӣ расонида мешавад: (18 нафар – табобати амбулаторӣ ва 5 нафар – табобати статсионарӣ). Як нафар ҷабрдида ба ёрии тиббӣ эҳтиёҷ надошт. Ба 23 нафар ҷабрдида ёрии психологӣ расонида мешавад ва ба ҳамаи ҷабрдидагон кӯмаку дастгирии иҷтимоӣ дар шакли ёрии иҷтимоӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамаи парвандаҳои ҷабрдидагон дар марҳилаи гузаштани офиятбахшӣ қарор доранд.

## 2.3. КӮМАКУ ДАСТГИРИИ ҲУҚУҚӢ

Фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф (минбаъд дар матн ГЁҲ) ҷиҳати пешбарӣ намудани таъсиси системаи самараноки эътино ба арзу шикоятҳо дар бораи шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва механизми мустақили тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа дар Тоҷикистон, аз ҷумла ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти расонидани ёрии ҳуқуқии воқеӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо равона гардидааст.

Соли 2017 ГЁҲ фаъолияти худро, ки ҷиҳати мақсадҳои зерин равона гардида буд идома дод:

- Идома додани расондани ёрии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ, ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа. Ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ба Эътилоф ҷиҳати дастрас намудани маълумоту иттилооти бевосита оид ба вазъи ҳолатҳои шиканҷа дар кишвар имкон фароҳам меорад, бурдани мурофиаҳои судии стратегӣ бошад имкон медиҳад то ки амалияи устувори истифода гардидани меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, аз ҷумла амалияи тибқи стандартҳои байналмилалӣ ҷуброн намудани товони ба ҷабрдидагон ва хешовандони онҳо кафолат дода шавад.
- Ҷамъоварии маводҳо барои таҳияи ҳуҷҷатҳои таҳлилӣ ва гузоришҳои алтернативӣ ба мақомоти СММ, аз ҷумла дар доираи гуфтушунидҳои байниҳукуматӣ доир ба ҳуқуқи инсон.
- Гузарондани тренингҳо ва чорабиниҳои маърифатӣ доир ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа барои адвокатҳои аҳли амал.

Дар нимсолаи аввали соли 2017 ташкилотҳои аъзои Эътилоф ба натиҷаҳои зерин ноил гаштанд:

- 38 ҳолати нави истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд, вобаста ба 36 парвандаи марбут ба ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ пешниҳод гардид, ки аз онҳо 20 парвандаи нав ва 16 парванда солҳои пеш ба қайд гирифта шуда аз ҷониби ҳуқуқшиносони Эътилоф бурда мешаванд.
- ташкилотҳои аъзои Эътилоф ҷиҳати зиёд кардани таҷрибаи судии ба роҳ мондани амалияи устувори аз ҷониби давлат ба таври дуруст ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва хешовандони онҳо корҳоро идома доданд. Аз ҷониби ташкилотҳои аъзо ба таври фаъолона

ҷамъоварӣ шудани далелҳо, ҷалби коршиносони миллӣ ва байналмилалӣ оид ба арзёбии товони зарари маънавӣ ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа/хешовандони онҳо анҷом дода мешавад, дар рафти мурофиаи судӣ нуқтаи назари «Амикус» – ро мавриди истифода қарор медиҳанд. Бори аввар дар таҷрибаи Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ аризаҳои шикоятӣ оид ба ҷуброн намудани зарари маънавӣ барои ба таври дуруст анҷом дода нашудани тафтишот (парвандаҳои Зиёдуллоев ва Furthermore Бобоҷонов) тартиб дода шуданд. Дар давраи ҳисоботи аризаҳои шикоятӣ ба суд пешниҳод карда шуданд ва муайян кардани санаи баррасии онҳо дар интизор аст.

- Бори аввал дар амалия вобаста ба парвандаи хизматчии ҳарбӣ – ҷабрдидаи муносибатҳои ғайрионномавӣ Қурбонов Ҷаҳонгир (хизматчии қисми ҳарбии 2747 РС КДАМ ҶТ) мутобиқи моддаи 143 прим 1 КҶ ҶТ (шиканҷа) парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд. Вале бо ҳукми суд командири взвод тибқи ду моддаи КҶ ҶТ айбдор дониста шуд: тибқи моддаи 250 (Тамаъҷӯӣ) ва моддаи 391 қисми 3 (Сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ) бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати нуҳ сол бо адо намудани ҷазо дар калонияи низомаш сахт ҷазо дода шуд. Айбдории истифода намудани шиканҷа аз бардошта шуд. Судя Ҳотам Раҷабзода изҳор намуд, ки ба суд далелҳои истифода шудани шиканҷа нисбати хизматчии ҳарбии ҳалокшуда пешниҳод нагардиданд.
- Бо дарназардошти фикру ақидаҳои тамоми ташкилотҳои аъзои Эътилоф маҷмӯи қонунгузории ҶТ доир ба масъалаҳои марбут ба шиканҷа ва дигар намуд муносибат ва ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон нав карда шуд. Китоби мазкур бо забони тоҷикӣ ба чоп дода шуд.
- ГЁҲ бо адвокатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, бо намояндагони Қабулгоҳи ВҲИ дар шаҳри Хуҷанд, Рашт ва Турсунзода, намояндагони ВАО, БПП зиёда аз 5 вохӯрӣ баргузор намуд.
- Барои адвокатҳои аҳли амали вилояти Хатлон вобаста ба масъалаи шиканҷа ва дигар намуд муносибат ва ҷазои бераҳмона ё таҳқиркунандаи шаъну шарафи инсон мастер – калсс гузаронида шуд.

**Вохӯрии Гурӯҳи ёрии ҳуқуқии Эътилоф, 12 июни соли 2017.** Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба таҷдиди (реструктуризация) ГЁҲ, нақшаи кории ГЁҲ барои соли 2017, тақвияти ҷузъи таҳлилии фаъолияти гурӯҳ, аз ҷумла механизмҳои ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ муҳокима карда шуданд.

**Мастер – класс барои адвокатҳои вилояти Хатлон вобаста ба масъалаҳои озодӣ аз шиканҷа ва муносибати бераҳмона, 24 майи соли 2017.** Дар вохӯрӣ 19 нафар иштирок карданд: адвокатҳо аз вилояти Хатлон (ноҳияҳои Темурмалик, Дустӣ, Восеъ, Шаартуз, Фархор, шаҳри Ёвон ва Қурғонтеппа), муовини раиси Шӯрои минтақавии адвокатҳо дар вилояти Хатлон, аз ҷумла намояндаҳои идораи ВҲИ дар шаҳри Душанбе. Дар рафти вохӯрӣ дар бораи фаъолияти Эътилоф доир ба расондани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа, офиятбахшии ҷабрдидагон, стандартҳои Протоколи Истамбул маърӯза карда шуд. Коршиносони Эътилоф ба иштироккунандагон доир ба таҷрибаи кории худ вобаста ба парвандаҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона маълумот пешниҳод намуданд.



**Вохӯриҳои машваратӣ бо адвокатон доир ба парвандаҳои марбут ба истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона.** Дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 5 вохӯриҳои машваратӣ бо адвокатон вобаста ба парвандаҳои марбут ба истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона доир карда шуд.

**Ҳуҷҷатгузории далелҳои шиканҷа ва дигар намуд муносибати бераҳмона.** Аз 1 январ то 30 июни соли 2017 аз ҷониби Гурӯҳи ёрии ҳуқуқи ва ташкилотҳои аъзои Эътилоф 38 муроҷиати ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд, аз онҳо 6 нафар ноболиғ ва 2 нафар зан.

| | Минтақа | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Душанбе | НТҶ | Хатлон /ВМКБ | Суғд | **ҲАМАГӢ** |
| Ҳамагӣ ҳуҷҷатгузорӣ шуд | 12 | 3 | 11 | 12 | **38** |
| Ҳаққи хизматрасониҳои адвокатҳо аз ҷониби Эътилоф пардохт шуданд | 8 | 1 | 9 | 2 | **20** |
| Ҳаққи хизматрасониҳои адвокатҳо аз ҷониби хешовандон пардохт шуданд | 3 | 2 | 1 | 10 | **16** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Машваратҳо, кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ | маслиҳат дода шуд – 15, ҳуҷҷат тартиб дода шуд – 4 | маслиҳат дода шуд – 18, бурдани парвандаҳо – 3 | маслиҳат дода шуд – 6 | |

Ба сифати истифода гардидани усулҳои шиканҷа зикр карда шуданд: лату кӯб ба қисматҳои гуногуни бадан, аз ҷумла бо истифода аз калтаки резинӣ, гузоштани қувваи барқ ба ангуштони дастон, узвҳои ҷинсӣ, тариқи рӯймолчаи тар ба даҳони ҷабрдида, овезон кардани қуттиҳои пластикии бо хок пуркардашуда ба узвҳои ҷинсии мардон, дохил кардани (халондани) сӯзан/мех зери нохунҳо, таҷовузи психологӣ дар шакли таҳқир, таҷовуз ба номус, таҳдиди таҷовуз, гузоштан дар оби хунук (пой дар об дар муддати 1 – 2 шабонарӯз), дар фасли хунук зери оби хунук ҷойгир кардан, гузоштани қувваи барқ ба тахтапушт ва узвҳои ҷинсӣ тариқи телефони махсус, пӯшондани ниқоб ба сар, сӯзондани бадан бо сигор, се нафар боздоштшударо маҷбур мекарданд, ки бо навбат ба рӯи ҳамдигар бо кафи даст бо тамоми қувва зананд, тоб додани дастон ба оқиб ва бастани дасту пой бо тасма, бастани даҳон бо скотч, дастонро ба оқиб тоб медоданд шахс бо тахтапушт менишаст ва бо вазни худ ҷабрдидаро пашх мекард.

Арзу шикоятҳо оид ба ҳолатҳои истифода гардидани шиканҷа ба мақомоти давлатии зерин пешниҳод гардиданд: ВКД – 28, аз онҳо ба РМҶМ (УБОП) – 6, қисмҳои ҳарбӣ – 2: ВМ ҶТ – 1, Раёсати қушунҳои сарҳадии КДАМ – 1, КДАМ – 1, мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ – 1.

Аз ин шумора дар давраи ҳисоботӣ 2 зан – ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа мурочиат кардаанд. Нисбати ҳарду шиканҷа ва муносибати бераҳмона бо таҳдиди таҷовуз ба номус истифода шудааст. Илова бар ин нисбати яке аз ҷабрдидагон ҳолати маҷбуркунӣ ба алоқаи ҷинсӣ ба ивази сабук кардани ҷазои ҷиноятӣ содир гардидааст.

**Маслиҳату машварати ҳуқуқӣ**

Дар шаҳри Душанбе ва НТҶ 17 машварати шифоҳӣ пешниҳод карда шуд ва вобаста ба мурочиатҳо 6 аризаи хаттӣ таҳия гардид. Аз 17 машварати шифоҳӣ 11 машварат ба масъалаҳои марбут ба тартиби шикоят овардан аз далелҳои шиканҷа дар мақомоти прокуратура ва имкониятҳои ГЁҲ дар ин самт. Аз рӯи 6 машваратҳо мурочиаткунандагон ба мақомоти соҳавӣ ва адвокатҳо ирсол гардиданд, зеро мурочиатҳои онҳо ба масъалаи шиканҷа ва муносибати бераҳмона дахл надоштанд. 7 ҳуҷҷат таҳия карда шуд. Аз онҳо 2 аризаи шикоятӣ, як дархост ва 4 ариза.

Дар Вилояти Суғд 6 машварати шифоҳӣ вобаста ба механизмҳои шикоят овардан ба суд аз рӯи амалҳои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва механизмҳои шикоят кардан аз ҳолатҳои истифода шундани шиканҷа пешниҳод карда шуд.

Дар вилояти Хатлон 18 машварати шифоҳӣ вобаста ба пешниҳод намудани ариза оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона, анҷом додани санҷиши прокурорӣ, ҷамъоварӣ намудани заминаи далелҳо ҳангоми баррасӣ кардани парвандаҳо вобаста ба ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона, гузарондани шаҳодаткунонии тиббӣ,

аз он ҷумла доир ба масъалаҳои ба таври самаранок анҷом дода нашудани тафтишот пешниҳод карда шуд. 3 аризаи хаттӣ вобаста ба масъалаҳои истифода шудани шиканҷа ва 2 аризаи хаттӣ барои намояндагони табақаи осебпазири аҳолӣ, ки ба ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона алоқамандӣ надоранд, тартиб дода шуд.

Аз ҷониби машваратчии ГЁҲ 11 машварати хаттӣ ва 4 машварати шифоҳӣ доир ба муроҷиатҳое, ки дар доираи фаъолияти Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ қабул шудаанд, пешниҳод гардид; таҳлили варақаҳои ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона анҷом дода шуд – 7, шикоятҳо доир ба оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ – 1, аризаи шикоятӣ оид ба ҷуброн намудани товони зарари маънавӣ ва моддӣ, ки бинобар содир шудани ҷиноят ба амал омадааст – 2; вобаста ба 4 стратегияҳои адвокатҳо ҷиҳати ҳимояи ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа тавсияҳо дода шуданд.

***Мониторинги мурофиаҳои судӣ.*** Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузорӣ 18 мониторинги мурофиаҳои судӣ аз рӯи парвандаҳое, ки дар онҳо судшавандагон вобаста ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона баёнот доданд, анҷом дода шуд.

Натиҷаҳои мониторинги мурофиаҳои судӣ нишон доданд, ки:

a. қариб дар ҳама ҳолатҳо кафолатҳое, ки дар моддаи 14 ПБҲШС «…с) бидуни ба таъхир андохтани муҳлат бе узри маъқул суд карда шавад…» риоя карда нашуданд. Мурофиаҳо қариб то 3 соат ба таъхир гузошта мешуданд. Чунин проблемаҳоро инчунин ҳангоми вохӯриҳо адвокатони вилояти Хатлон низ қайд карданд ва онро ҳамчун «ноҳурматӣ нисбати иштирокчиёни мурофиаи судӣ» арзёбӣ намуданд. Илова бар ин, чунин ҳолат дастрасии табақаи осебпазири аҳолиро ба суд, ки одатан барои дар мурофиаҳои судӣ иштирок кардан аз минтақаҳои дурдаст меоянд ва маблағ сарф мекунанд, маҳдуд месозад.
b. Вобаста ба парвандаи адвокати Е.Б. мушоҳидон ба толори мурофиаи судии кушода бидуни фаҳмондани сабабҳо роҳ дода нашуданд.
c. Вобаста ба яке аз парвандаҳо шахси судшаванда дар толори суд «дар дохили қафас» – дар дохили катаки панҷарадори махсуси оҳанин бо дастони баста ва дар иҳотаи посбонҳо ҷойгир карда шуда буд. Нигоҳдорӣ дар қафас шаъну эътибори шахсро дар назди омма паст мезанад ва барои паст задани шаъни инсон ва ба вуҷуд овардани тарс дар вуҷуди шахс равона гардидааст, чунин ҳолат шакли муносибати пастзанандаи шаъну шараф мебошад.

**Мониторинги маълумотҳои воситаҳои ахбори омма.** Мутахассисон оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мунтазам мониторинги ВАО ва шабакаҳои иҷтимоиро анҷом медиҳанд. Дар сурати ошкор шудани маълумоту иттилоот доир ба ҳолатҳои эҳтимолии шиканҷа ё муносибати бераҳмона ҷамъоварӣ ва санҷиши маълумоту иттилооти ибтидоӣ анҷом дода мешавад.

**Пешниҳод намудани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ/намояндагӣ дар суд**

Фонди ҳаққи таълиф барои расондани кӯмаку дастгирии ҳуқуқӣ ба ҷабрдидагони эҳтимолии ҳолатҳои шиканҷа ва/ё хешовандони онҳо дар мувофиқа бо аъзоёни

комиссия оид ба тақсимоти Фонди ҳаққи таълиф (4 нафар) ва Ҳамоҳангсози Гурӯҳи ёрии ҳуқуқӣ сарф карда мешавад.

Давоми 6 моҳи соли 2017 ба Фонди ҳаққи таълиф 20 дархост оид ба пешниҳод намудани хизматрасониҳои адвокат аз рӯи муроҷиатҳои нав, марҳилаҳои такрорӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ, доир ба ҷудо намудани маблағ барои анҷом додани экспертизаҳо равона карда шуд. Дар навбати худ корҳо аз рӯи парвандаҳои солҳои пешин идома дода шуданд.

Дар соли 2017 дар маҷмӯъ ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф аз рӯи 36 парванда манфиатҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона ва манфиати хешовандони онҳоро намояндагӣ карданд, аз онҳо 20 парвандаи нав ва 16 парвандаи солҳои пешин.

| **Минтақа** | **Парвандаҳои солҳои пешин ба ҳолати 31 марти соли 2017** | | **Аз аввали соли 2017** | |
|---|---|---|---|---|
| | **Миқдор** | **Марҳила** | **Миқдор** | **Марҳила** |
| Душанбе ва НТҶ | **12 парванда** | 1 – марҳилаи иртибот бо КҲИ СММ<br>**8** – марҳилаи судӣ<br>**3** – марҳилаи тосудӣ. | **9 парванда** | **7** – марҳилаи тосудӣ, аз онҳо 4 ба анҷом расонида шуд:<br>**2** – марҳилаи судӣ, |
| Вилояти Суғд | **5 парванда** | 1 – дар марҳилаи баррасӣ дар суд,<br>1 – дар марҳилаи баррасии ариза дар марҳилаи назоратӣ,<br>1 – дар марҳилаи пешниҳоди шикоят оид ба ҷуброни товони зарар,<br>1 – иртибот бо КҲИ СММ<br>1 – дар марҳилаи пешниҳод намудани шикояти назоратӣ ба суд | **4 парванда** | 1– пӯшида шуд, зеро далели истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона исбот карда нашуд.<br>3– дар марҳилаи санҷиши пеш аз тафтишот |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 1 | 1 – дар марҳилаи шикоят кардан дар суди кассатсионӣ | **1 парванда** | 1 – марҳилаи тосудӣ |
| Ҳамагӣ | **18** | | **14** | |

Таҳлили парвандаҳо проблемаҳои асосиро муайян кард, ки бо тафтишоти парвандаҳои марбут ба ҳолатҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона алоқамананданд.

*Риояи ҳуқуқҳои асосии инсон ҳангоми анҷом додани боздошт:*

– Санади огоҳкунии ҳуқуқҳои шахсони боздоштшуда дода намешавад, ки ин хилофи муқаррароти Дастурамал «Оид ба анҷом додани боздошт» мебошад. Хилофи муқаррароти моддаи 94 КМҶ ҶТ, банди 12.13 Дастурамал «Оид ба анҷом додани боздошт» муҳлати тартиб додани протоколи дастгиркунӣ риоя намешавад. Ҳангоми шинос шудан бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ маълум мешавад, ки сарсаҳифаи протоколи дастгиркунӣ вуҷуд надорад, яъне он умуман тартиб дода нашудааст. Вақти дастгиркунии воқеӣ бо вақти дар ҳуҷҷатҳо сабтшуда мутобиқат намекунанд.

– Хилофи муқаррароти моддаи 94 КМҶ ҶТ санади шаҳодаткунонии тиббии дастгиркунӣ тартиб дода нашудааст.

– Аризаи даст кашидан аз хизматрасониҳои адвокат аксар вақт бо риоя нагардидани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар он гирифтани аризаи шахси гумонбаршуда оид ба даст кашидан аз хизматрасониҳои адвокат танҳо дар ҳузури адвокати дигар пешбинӣ шудааст, тартиб дода мешаванд.

– Хилофи муқаррароти моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» ва Қонуни ҶТ №382 аз 16 март «Дар бораи ворид кардани тағйироту иловаҳо ба КМҶ ҶТ» дархости адвокат барои дастрас намудани нусхаи китоби бақайдгирии дастгиршудагон ва нусхаи санади шаҳодаткунонии тиббӣ рад карда шуд.

– Дар аввал «барои итоат накардан ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ба ҳабси маъмурӣ кашидан, баъдан истифода намудани шиканҷа ва гирифтани нишондоди иқроршавӣ, барасмиятдарории дастгиркунӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ. Дар чунин ҳолат шахси дастгиршуда аз имконияти шикоят овардан аз қарори суд ва дастрасӣ ба адвокат маҳрум мегардад.

– Аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нисбати шахсони дастгиршуда фишор оварда мешавад, ки баъди чунин ҳолат хешовандони шахсони дастгиршуда аз тарси он ки ба ҳаёти наздикони онҳо метавонанд хатар эҷод карда шавад ва ё метавонад наздиконашон такроран мавриди шиканҷа қарор дода шаванд, аз шикоят кардан худдорӣ менамоянд.

– Аз шоҳидони ноболиғ гирифтани баёнот бидуни ҳузури намояндагони қонунии онҳо анҷом дода мешавад, ки ин хилофи муқаррароти моддаи 203 КМҶ ҶТ мебошад. Дар баёноти додаи шоҳидони ноболиғ имзои психолог гузошта нашудааст.

– Ба ноболиғони дастгиршуда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо фаҳмонда дода намешавад.

*Эътино ба арзу шикоятҳо оид ба шиканҷа ва муносибати бераҳмона аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ.*

– муҳлатҳои мурофиавии баррасӣ кардани аризаҳои пешниҳодшуда аз рӯи амалҳои мақомоти прокуратура вобаста ба дида баромада нашудани арзу шикоятҳо дар муҳлати дар КМҶ муқарраргардида, риоя карда намешаванд. Масалан, кашол додани муҳлатҳои баррасӣ намудани аризаҳои шикоятӣ, ба он оварда мерасонад, ки нишонаҳои зӯроварии ҷисмонӣ гум мешаванд ва исбот кардани далели истифода шудани шиканҷа ғайриимкон мегардад.

– ҳолатҳои беасос рад кардани оғози парвандаҳои ҷиноятӣ аз рӯи арзу шикоятҳои истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона ҷой доранд.

– ҳолатҳои анҷом додани тафтишот аз рӯи далели истифода шудани шиканҷа аз ҷониби муфатиш аз рӯи парвандаи асосӣ ҷой доранд, ки ин хилофи моддаи 123 КМҶ ҶТ мебошад.

– ҳолатҳои аз ҷониби судҳо ба таври самаранок анҷом дода нашудани тафтишоти ҳолатҳои шиканҷа ба мушоҳида мерасад, ки хилофи моддаи 88 прим 1 қисми 2 КМҶ мебошад. Масалан, дар рафти мурофиаи судии марҳилаи кассатсионӣ ба сифати далел фактҳои риоя нагардидани Дастурамал «Оид ба анҷом додани боздошт» ва меъёрҳои КМҶ дархост карда шуд: аз ҷумла китоби бақайдгирии боздоштшудагони аз қисми навбатдории ШВКД шаҳри Кӯлоб овардашуда ва нусхаи санади фаҳмондадиҳии ҳуқуқҳои боздоштшуда О.Н., инчунин киботи бақайдгирии шахсони дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатии ШВКД ш. Кӯлоб аз 07.08.2016 ҷойгиркардашуда ва санади шаҳодаткунонии тиббии боздоштшуда О.Н. Коллегияи суди марҳилаи кассатсионӣ дархостро бо истинод ба он, ки санҷиши прокурорӣ гузаронида шудааст, қонеъ нагардонид ва оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро вобаста ба истифода шудани шиканҷа нисбати О.Н. аз ҷониби кормандони ШВКД рад кард.

– Вобаста ба ариза оид ба анҷом додани санҷиши прокурорӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура муҳлат ва расмиёти қабул ва анҷом додани санҷиши ариза доир ба содир шудани ҷиноят риоя карда нашуд. Масалан, қарор оид ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ баъди 20 рӯз баъди оғози санҷиш дода шуд, гарчанде дар КМҶ ҶТ муҳлати максималӣ (ҳадди аксар) даҳ рӯз аз лаҳзаи пешниҳод шудани ариза оид ба содир шудани ҷиноят пешбинӣ гардидааст.

– Тули зиёда аз се сол, ба арзу шикоятҳои сершумори аризадиҳанда ба Прокуратураи генералии ҶТ ҷавоб дода мешавад, ки қарори муфаттиши прокуратура доир ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ бекор карда шудааст ва барои анҷом додани санҷиши иловагӣ дубора ба ҳамон муфаттиш (9 маротиба) ирсол шудааст.

*Ихтисор кардани шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дода шуданд.*

– То ба имрӯз, ба Эътилоф ягон ҳолате маълум нест, ки шаҳодатҳое, ки дар натиҷаи истифода шудани шиканҷа ва муносибати бераҳмона дода шудаанд аз маводҳои парвандаҳои ҷиноятие, ки аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, ихтисор карда шуда бошанд.

– Санҷиши тамоми аризаҳо оид ба истифода шудани шиканҷа аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура анҷом дода мешавад, ки нисбати аризадиҳанда дар доираи парвандаи ҷиноятӣ тафтишот мебаранд, ки ин омил хилофи принсипи беғаразӣ мебошад.

*Ҳуқуқҳои адвокатҳо*

– Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар фаъолияти адвокатҳо ҳангоми расондани ёрии ҳуқуқӣ ва дастрасӣ ба зерҳимояҳои худ монеаҳо эҷод менамоянд. То ҳол аз адвокат барои вохӯрдан бо зерҳимояи худ гирифтани иҷозат аз муфаттише, ки аз рӯи парванда тафтишот мебарад ё аз судяе, ки парвандаи ҷиноятиро баррасӣ менамояд талаб карда мешавад. Маъмурияти тавқифгоҳи тафтишотӣ дастрасии адвокатро маҳдуд месозад, сарфи назар аз доштани ордер ва аз адвокат гирифтани иҷозатномаи судя талаб карда мешавад. Вобаста ба як ҳолати дар Суғд рӯйдода зарурати ирсол кардани телеграмма ба унвони Вазири корҳои дохилии ҶТ дар мавриди маҳдуд кардани дастрасии адвокат ба зерҳимояи худ ба вуҷуд омад.

– Дар сурати супоридани парванда ба марҳилаи судӣ проблемаи шинос шудан бо маводҳои санҷиш вуҷуд дорад. Баъди супорида шудани маводҳои санҷиши прокурорӣ ба суди ноҳияи Шоҳмансур, аз ҷониби адвокат шинос шудан бо маводҳои санҷиш дархост карда шуд, вале дархости ӯ рад карда шуд.

– Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боздоштшудагонро маҷбур месозад, то ки онҳо аз хизматрасониҳои адвокат даст кашанд, агар адвокат фаъол ва қавиирода бошад.

## <u>Мурофиаҳои стратегии судӣ</u>

Соли 2014 ташкилоту созмонҳои аъзои Эътилоф бо он розӣ шуданд, ки ҷиҳати ба роҳ мондани амалияи устувори ҷуброн шудани товони зарар ба ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мурофиаҳои стратегии судӣ бурда шаванд.

Дар давоми нимсолаи аввали соли 2017 вобаста ба ду парванда доир ба ҷуброн намудани товони зарар, ки аз рӯи онҳо шикоят оварда шуда буд, ҳалнома бароварда шуд.[1]

Ду аризаи даъвогӣ доир ба рӯёндани товони зарари маънавӣ барои самаранок анҷом дода нашудани тафтишот ба суд пешниҳод шудааст ва муайян кардани санаи баррасии онҳо интизор меравад

Вобаста ба парвандаи Шаҳбол Мирзоев адвокат дар марҳилаи мурофиаи иҷроиш корҳо анҷом медиҳад ва бо ин ба волидони Шаҳбол Мирзоев ҷиҳати рӯёндани товони зарар аз КДАМ ҶТ дар ҳаҷми 40 ҳазор сомонӣ тибқи қарори суди ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе аз 22 ноябри соли 2016 мусоидат менамояд.

Давоми давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ГЁҲ парвандаҳои марбут ба рӯёндани товони зарари маънавӣ ва моддӣ дар марҳилаҳо ҳуҷҷатгузорӣ карда шуд:

– Идомадошта – 4 парванда

[1] Шарҳи марҳилаи омодакунӣ, пешниҳод ва баррасии ариза дар суд вобаста ба ҷуброн намудани зараи маънавӣ ва моддӣ. Шарҳи пурраи парванда дар ГЁҲ дастрас аст.

– Ба суд пешниҳодшуда, баррасии судӣ дар назар дошта шудааст – 3 парванда, аз он ҷумла 2 парванда доир ба рӯёндани товони зарари маънавӣ барои ба таври дуруст анҷом дода нашудани тафтишот

– Дар марҳилаи омодашавӣ қарор дорад – 13 парванда

Иҷрои қарорҳои судҳо оид ба ҷуброн намудани товони зарар:

| **парванда** | **Маблағи дархостшуда (сомонӣ)** | | **Ҳалномаҳои баровардаи суд (сомонӣ)** | | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Зарари маънавӣ** | **Зарари моддӣ** | **Зарари маънавӣ** | **Зарари моддӣ** | |
| Ҳомидов Ҷ. | 90000 | 7676 | 5000 | 7676 | Пардохта шуд 9500 сомонӣ |
| Қаюмов Х. | 300 000 | | 16000 | | Пардохта шуд 16000 |
| Мирзоев Ш. | 180 000 | 97265 | 4000 | 36400 | Дар марҳилаи иҷроиш |
| Муродов М. | 334950 | | | | Даъво рад карда шуд |
| Раҳматов Ф. | 238800 | | 5000 | | Пардохта шуд [2] |

## 1.1. ҶОРӢ НАМУДАНИ ПРИНСИПҲОИ ИСТАМБУЛ ҶИҲАТИ САМАРАНОК АНҶОМ ДОДАНИ ТАФТИШОТИ ТИББӢ ВА ҲУҶҶАТГУЗОРИИ ҲОЛАТҲОИ ШИКАНҶА ВА МУНОСИБАТИ БЕРАҲМОНА ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Аз моҳи октябри соли 2016 ТҶ «Маркази ҳуқуқи инсон» дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ ба татбиқи марҳилаи дуюми лоиҳаи «Тақвият бахшидани Волоияти қонун ва ҳуқуқҳои инсон бо мақсади васеъ гардондани имкониятҳои одамон дар Тоҷикистон» оғоз намуд.

[2] Мутобиқи мактуби Раёсати Молиявӣ-Буҷетии Вазорати Мудофиаи ҶТ аз 15.05.2017 ба Раҳматов Г. дар асоси қарори суди ҳарбии гарнизони ш. Душанбе 5000 сомонӣ пардохт карда шуд.

Ҳадафи асосии лоиҳаи мазкур аз баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва омӯзондани кормандони ҷойҳои маҳрумият аз озодӣ ва аъзоёни гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳрумият аз озодии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон доир ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона мутобиқ ба стандартҳои Протоколи Истамбул иборат мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи фаъолияти лоиҳа корҳои зерин анҷом дода шуданд:

- Модул барои гузарондани тренинг оид ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул таҳия карда шуд;
- Ҷиҳати огоҳонии айбдоршавандагон, судшавандагон ва маҳкумшудагон оид ба ҳуқуқ ва кафолатҳои онҳо маводҳои иттилоотӣ (дар шакли китобча ва плакатҳо) таҳия карда шуданд. Маводҳои мазкур ба Гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ бо мақсади паҳн кардан супорида шуданд;
- Нашри аввали ахборот (бюллетен) оид ба фаъолияти ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул барои давраи соли 2012 – 2017 таҳия карда шуд (дар суроғаи мазкур дастрас аст: http://www.notorturetj.org/tj/activities/protokoli – istambuli – az – nazariya – amaliya);
- Тафсир ба Кодекс дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ таҳия шуда истодааст;
- Таҳлили Кодекс дар бораи иҷрои ҷазои ҷиноятии ҶТ мутобиқи Протоколи Истамбул анҷом дода шуд.

Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дар якҷоягӣ бо созмони байналмилалии «Духтурон ҳомии ҳуқуқи инсон» нақшаи амал оид ба ҷорӣ намудани стандартҳои Протоколи Истамбул барои 3 сол таҳия карда шуд.

**<u>Ҷорӣ намудани Стандартҳои Истамбул ба барномаҳои дарсӣ.</u>** Дар доираи лоиҳаи «Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии судяҳо ва таҳияи машғулиятҳои лексионӣ ва барномаҳои таълимӣ барои кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ факултети ҳуқуқшиносии ДМТ»[3] қаблан дар соли 2016 таҳлили барномаҳои таълимӣ доир ба тибби судии факултети ҳуқуқшиносии назди ДМТ анҷом дода шуд, ки дар натиҷаи он ба барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти стандартҳои байналмилалӣ тағйиротҳо ворид карда шуданд. Инчунин тибқи барномаи нави таълимӣ, Курси лексияҳо доир ба тибби судӣ барои донишҷӯёни факултаҳои ҳуқуқшиносии мактабҳои олӣ бо ҷорӣ кардани стандартҳои Протоколи Истамбул таҳия карда шуд. Китобҳои дарсӣ (курси лексияҳо) нашр шуда ба кафедра супорида шуданд.

**Тренингу семинарҳо.** Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази ҳуқуқи инсон» дар ҳамкорӣ бо Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи ҶТ ва дар якҷоягӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ доир ба масъалаҳои марбут ба ҳуҷҷатгузории ҳолатҳои шиканҷа мутобиқи стандартҳои Протоколи Истамбул

[3] Лоиҳа аз ҷониби Шӯъбаи ташкилоти байналмилалии Институти «Ҷамъияти Кушода» - Бунёди Мадад дар Тоҷикистон дастгирӣ карда шуд.

тренингҳо баргузор намуд.

Дар маҷмӯъ ***68 иштирокчӣ*** фаро гирифта шуд, аз онҳо: 33 корманди соҳаи тибб ва 23 корманди оперативии системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 3 намояндаи Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, 9 адвокат – шарикони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон,

- **25 – 27 апрели соли 2017** тренинг дар шаҳри Душанбе барои ***24 иштирокчӣ*** (20 мард, 4 зан) аз шаҳри Душанбе (12) вилояти Хатлон (8) ва НТҶ (4);
- **2 – 4 майи соли 2017** дар шаҳри Хуҷанд (вилояти Суғд) барои ***18 иштирокчӣ*** (12 мард, 6 зан);
- **16 – 18 майи соли 2017** дар шаҳри Душанбе барои ***26 иштирокчӣ*** (18 мард, 8 зан) аз шаҳри Душанбе (16), НТҶ (6) ва вилояти Хатлон (4), аз онҳо 16 корманди соҳаи тиб (Душанбе – 9, Ёвон – 1, Ваҳдат – 5, Қурғонтеппа – 1.

## 1.2. ФАЪОЛИЯТИ ТАҲЛИЛӢ ВА ПЕШБАРӢ КАРДАНИ ТАВСИЯҲОИ ЭЪТИЛОФИ ОЗОДӢ АЗ ШИКАНҶА (ЭДВОКАСӢ)

Дар ҷаласаи солонаи Эътилоф роҳбари маркази таҳлилии Эътилоф Фонди ҷамъиятии «Нотабене» (Нигина Баҳриева) интихоб гардид.

Маркази таҳлилӣ фаъолияти худро дар асоси Қоида ва принсипҳои иштирок дар Эътилоф амалӣ медиҳад ва фаъолияти таҳлилии Эътилоф ва гурӯҳҳои кориро ҳамоҳангсозӣ менамояд. Айни замон ба Маркази таҳлилӣ роҳбари Эътилоф, роҳбарони гурӯҳҳои корӣ, ҳамоҳангсози лоиҳаи пешбарӣ кардани стандартҳои Протоколи Истамбул, аз он ҷумла намояндаи ТҶ «Апейрон» шомил мебошанд. Котиботи Маркази таҳлилӣ аз роҳбари марказ ва фандрайзер иборат аст.

Моҳи марти соли 2017 нақшаи кории Марказ таҳия карда шуд, ки бо аъзоёни Эътилоф ба мувофиқа расонида шуд.

Аз ҷониби Эътилоф фаъолона фаъолияти пешбарӣ намудани озодӣ аз шиканҷа дар Тоҷикистон дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ анҷом дода мешавад, ки тариқи гузарондани вохӯриҳо бо дипломатҳо ва намояндагони намояндагиҳои (делегатсияҳо) байналмилалӣ ва байниҳукуматӣ, таҳия намудани гузоришҳои таҳлилӣ ва пешниҳод намудани тавсияҳои худ амалӣ менамояд.

**<u>Тафсири даврии универсалӣ</u>**

*Муҳокимаи мавзӯии тавсияҳои ТДУ*[4]. Моҳҳои январ – феврали соли 2017 як силсила муҳокимаҳои мавзӯии тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ гузаронда шуд. Муҳокимаи мавзӯии тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ дар соҳаи озодӣ аз шиканҷа 27 январи соли 2017 бо кӯмаку дастгирии молиявии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон баргузор гардид.

[4] Ҳамоҳангсозии умумии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираи ТДУ аз ҷониби ТҶ «Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният» амалӣ карда мешавад.

Ин яке аз бахшҳои баҳсталаб ва фаъоли тавсияҳо буд, ки дар он зиёда аз 40 нафар иштирок карданд – намояндагони мақомоти давлатӣ, намояндаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ. Дар муҳокимаҳои мавзӯӣ андешидани тадбирҳоеро пешниҳод менамуданд, ки метавонанд ҷиҳати иҷро шудани тавсияҳо вобаста ба ТДУ мусоидат кунанд ва онҳоеро, ки метавон ба Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои ТДУ дохил кард.

Баъди ба анҷом расидани марҳилаи муҳокимаҳои мавзӯӣ лоиҳаи Нақшаи миллии иҷрои тавсияҳои марҳилаи дуюми ТДУ таҳия карда шуд, ки ба ҷомеъаи шаҳрвандӣ барои пешниҳод намудани тавсия ва пешниҳодҳои хаттӣ ба ҳар як банди нақша ирсол карда шуд. Аз ҷониби Эътилоф ба бандҳои Нақшаи миллӣ тавсияҳои хаттӣ пешниҳод карда шуд.

7 июни соли 2017 Нақшаи миллӣ аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда шуд. Тавсияҳои Эътилоф ба матни ниҳоии Нақшаи миллӣ дохил карда шуданд.

**<u>Мақомоти шартномавӣ оид ба ҳуқуқи инсони СММ</u>**

*<u>Рӯйхати саволҳо барои Кумитаи зидди шиканҷа ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон.</u>* Дар ҷаласае, ки моҳи ноябри соли 2017 баргузор мегардад Кумитаи зидди шиканҷа рӯйхати саволҳоро ба гузориши даврии сеюми Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Конвенсияи зидди шиканҷа қабул хоҳад кард. Аз ҷониби Эътилоф мониторинги иҷрои тавсияҳои КЗШ анҷом дода шуд: тафсири қонунгузорӣ, тафсири амалияи истифобарии қонунҳо ва мониторингҳо. Натиҷаҳои мониторингҳо дар Пешниҳодҳои Эътилоф барои дохил кардан ба рӯйхати саволҳое, ки дар якҷоягӣ бо Ҳамкории байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон тартиб дода шуда буду ба Кумитаи зидди шиканҷа ирсол гардид ҳамчун асос истифода карда шуданд.

*<u>Таҳия ва пешниҳод намудани Гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи башар.</u>* Дар соли 2018 баррасии гузориши даврии сеюми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи СММ зидди шиканҷа ба нақша гирифта шудааст. Дар робита ба ин Фонди ҷамъиятии Нотабене дар якҷоягӣ бо ҲБҲИ корҳоро ҷиҳати таҳия намудани гузориши ТҒҲ ба Кумитаи СММ зидди шиканҷа оғоз намуд. Аз ҷониби ташкилотҳо нақшаи муфассал таҳия карда шуда камбудиҳои мавзӯие, ки бояд нав карда шаванд, мониторинг ва таҳқиқи минбаъдаро тақозо мекунанд, муайян карда шуданд.

**<u>Пешниҳодҳо доир ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ.</u>** Ба намояндагони Эътилоф аз вакилони Парламент дархост доир ба таҳия намудани пешниҳодҳо ҷиҳати такмил додани КҶ ва КМҶ ҶТ пешниҳод шуд. Мутаассифона, бинобар маҳдуд будани вақт анҷом додани таҳлили пурраи қонунгузорӣ муяссар нагардид. Бо вуҷуди ин аз ҷониби Эътилоф як қатор пешниҳодҳо ба КҶ ва КМҶ таҳия карда шуд ва онҳо ба Парламенти кишвар манзур карда шуданд.

**<u>Вохӯри бо Котиби генералии СММ Антониу Гутерриш, 12 июни соли 2017.</u>** Дар рафти боздиди худ ба Осиёи Марказӣ Котиби Генералии СММ бо намояндагони Эътилоф ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вохӯрӣ намуд. Роҳбари Эътилоф проблемаи дар Тоҷикистон истифода шудани шиканҷаро бардошт. Котиби генералии СММ махсус қайд намуд, ки корҳо дар самти озодӣ аз шиканҷа хеле муҳиманд ва хабар дод, ки онҳо имконияти

дастгирӣ кардани самти мазкурро дар доираи рушди барномаи волоияти қонун дида баромада истодаанд.

**<u>Вохӯрӣ бо Сафири Финляндия дар Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркменистон, 30 июни соли 2017.</u>** Директори Фонди ҷамъиятии «Нотабене» Фавзия Назарова дар Брюссел бо ҷаноби Никлас Линдквист, Сафири Финландия дар Тоҷикистон, Узбекистон ва Туркменистон вохӯрд. Дар рафти вохӯрӣ масъалаҳои марбут ба риояи ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон, аз ҷумла фаъолияти Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон муҳокима гардиданд. Ҷаноби Линдквист аз комёбиҳои Эътилоф дар соҳаҳои мухталифи мубориза бар зидди шиканҷа да кишвар изҳори қаноатмандӣ намуд. Аз ҷониби сафир иттилооти иловагӣ дар бораи Эътилоф дархост карда шуд. Инҷунин ҷаноби сафир ба маблағгузории Эътилоф таваҷҷӯҳ зоҳир намуд, аз ҷумла ба фаъолияти гурӯҳи мониторингии ҷойҳойи маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ.

## 1.3. ФАЪОЛИЯТИ МАЪЛУМОТОНӢ

**<u>Ҷаласаҳои иттилоотӣ доир ба ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда, таҳти ҳабс нигоҳдоримешуда</u>**[5]**<u>, 10 март – 15 апрели соли 2017.</u>**

Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар давраи аз 10 март то 15 апрели соли 2017 барои кормандони мақомоти корҳои дохилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади: а) пешниҳод намудани иттилоот оид ба стандартҳои асосии ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда ва шахсони таҳти ҳабс қарордошта; б) ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар бораи ҳуқуқҳои шахсони дастгиршуда; в) фаъолият доир ба мониторинги ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодӣ бо мақсади пешгирӣ кардани ҳолатҳои шиканҷа (барнома дар замима); г) фаъолияти доир ба масъалаҳои пешгирии зӯроварӣ дар оила (дар рафти ҷаласаҳои иттилоотӣ дар вилояти Суғд) гузаронида шуданд.

Ҷаласаҳои иттилоотӣ бо ташаббуси Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гурӯҳи мониторингии ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон гузаронида шуданд.



Ҳамагӣ 10 ҷаласаи иттилоотӣ гузаронида шуд:

1. ШВКД Фирдавсӣ 2 – 10.03.2017
2. ШВКД Сино 2 – 10.03.2017
3. ШВКД Рӯдакӣ – 17.03.2017
4. ШВКД Ҳиссор – 17.03.2017
5. ШВКД Шаҳринав – 07.04.2017
6. ШВКД Турсунзода – 07.04.2017
7. ШВКД Файзобод – 08.04.2017
8. ШВКД Темурмалик – 14.04.2017

[5] Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар доираи лоиҳаи Фонди ҷамъиятии "Нотабене" "Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон» бо кӯмаку дастгирии молиявии Фонди Зигрид Раузинг баргузор карда шуданд.

9. ШВКД Данғара – 14.04.2017
10. ШВКД Роғун – 15.04.2017

Иштирокчиёни ҷаласаҳои иттилоотиро кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва намояндагони Қабулгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ташкил доданд. Ҳамагӣ дар ҷаласаҳои иттилоотӣ 504 нафар иштирок карданд, ки аз онҳо кормандони мақомоти корҳои дохилӣ – 502 нафар, 2 намояндаи Қабулгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар вилояти Хатлон.

Дар рафти ҷаласаҳо масъалаҳо ба монанди тартиби анҷом додани боздошт, фаҳмондадиҳии ҳуқуқҳои шахсони боздошташуда, дар китоби бақайдгирӣ сабт шудани шахсони боздошташуда, масъалаҳои марбут ба шаҳодаткунонии тиббӣ, расмиёти тартиб додани протоколи дастгиркунии шахс ва ғайра мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Тағйироту иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонун "Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда" аз соли 2016 мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Тағйироту иловаҳои мазкур ба қонунгузорӣ бо мақсади иҷро шудани тавсияҳои мақомоти СММ қабул карда шуда ҷиҳати бартараф кардани монеъаҳое, ки сади роҳи пешгирии шиканҷа ва муносибати бераҳмона дар системаи адолати ҷиноятии Тоҷикистон истодаанд равона карда шудаанд. Тибқи тағйиротҳои ба КМҶ воридгардида, махсусан пешбинӣ шудааст, ки пеш аз ҷойгир кардани шахси гумонбаршуда ба ТНМ бо мақсади муайн кардани вазъи саломатии ӯ ташхиси ҳатмии тиббӣ анҷом дода шавад. Бо вуҷуди ин адвокат метавонад талаб намояд, ки ташхиси тиббӣ аз ҷониби коршиноси мустақил анҷом дода шавад.

Намояндаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ Нидоев Х. бо маърӯза доир ба таҷрибаи гурӯҳи мониторингии назди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, хусусан оид ба мониторинги тавқифгоҳҳои нигоҳдории муваққатии ВКД ҶТ ва тавқифгоҳи Вазорати адлияи ҶТ баромад кард. Ӯ дар баромади худ инчунин масъалаҳои марбут ба фаъолияти Ниҳоди Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ, аз ҷумла тартиби аз ҷониби аъзоёни гурӯҳи мониторингӣ андешида шудани тадбирҳо ҳангоми пешниҳод шудани аризаҳо оид ба истифода шудани шиканҷа дар ҷойҳои маҳдуд ва маҳрумият аз озодиро зикр намуд.

Иштироккунандагон инчунин бо фаъолияти Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон шинос карда шуданд.

**Семинарҳои иттилоотӣ доир ба масъалаҳои марбут ба ҳуқуқҳои инсон барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ВМКБ[6].**

18,19, 26 ва 30 майи соли 2017 барои кормандони шӯъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Мурғоб ва Рашти ВМКБ семинарҳои иттлоотӣ гузаронида шуд.

[6] Ҷаласаҳои иттилоотӣ дар доираи лоиҳаи Ташкилоти ҷамъиятии "Ҳуқуқ ва беҳбудӣ" "Мубориза бар зидди шиканҷа дар Тоҷикистон", ки аз ҷониби Комиссияи Аврупо маблағгузорӣ мешавад ва Фонди ҷамъиятии "Нотабене" "Дастгирии Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандии зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон" бо кӯмаку дастгирии молиявии Фонди Зигрид Раузинг гузаронида шуданд

Дар семинарҳо 118 корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иштирок карданд, аз он ҷумла муовини сардори ШВКД, муфаттишон, кормандони оперативӣ, нозирони минтақавии шӯъбаҳои Тафтишоти ҷиноятӣ, БДА, хадамоти патрулӣ – посбонӣ (ППС), идораи шиносномадиҳӣ ва нозироти кор бо ноболиғон.

Дар рафти семинарҳои иттилоотӣ масъалаҳои марбут ба кафолатҳои асосии ҳуқуқҳои инсон ҳангоми анҷом додани боздошт ва таҳти ҳабс нигоҳдорӣ фаро гирифта шуданд: тафсири стандартҳои асосии байналмилалӣ ва миллӣ, тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҶТ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ дар соли 2016.

## 2.4. ИНТИШОР КАРДАНИ ПРОБЛЕМАИ ШИКАНҶА ДАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА




Дар давраи моҳҳои январ – июни соли 2017 аз ҷониби гурӯҳи медиавӣ корҳои зерин анҷом дода шуданд:

– маводҳо дар **бахши русии** торнамо нашр шуданд – 124 (Маркази хабарӣ (Медиа – центр) – 70, Таҳлил (Аналитика) – 6, Шарҳи матбуот (Обзор прессы) – 3, Мониторинг – 5, «Ман ҳомии ҳуқуқам!» (Я правозащитник!) – 38, Видео – 2), **дар бахши тоҷикии торнамо** – 133 (Маркази хабарӣ – 79, Таҳлил – 11, Мониторинг – 1, Шарҳи матбуот – 4, «Ман ҳомии қуқуқам!» – 39 ва бахши англисии торнамо: Media – 10

– Иқдоми «Ман зидди шиканҷаам! Дирӯз! Имрӯз! Ҳамеша!» гузаронида шуд

– пешбарии торнамо ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ анҷом дода шуд.

– фасли (рубрикаи) нави «Ман ҳомии ҳуқуқам» ташкил карда шуд.

Дар давраи аз 01 январи соли 2017 то ба имрӯз шумораи хонандагони торнамои Эътилоф то ба 11 431 зиёд шуд.

**ШАРҲИ МАТБУОТ[7]:**

1. Тафсири ВАО барои моҳи декабри соли 2016 – январи соли 2017 ҷабрдиҳандаи эҳтимолии рутбадор аз кор озод карда шуд ва ба Ваколатдор дар мавриди шиканҷа камтар шикоят мекунанд (предполагаемый насильник в погонах уволен, а Омбудсмену меньше жалуются на пытки) 21.02.2017 http://www.notorturetj.org/press/obzor – smi – za – dekabr – 2016 – yanvar – 2017 – predpolagaemyy – nasilnik – v – pogonah – uvolen – ombudsmenu
2. Тафсири ВАО барои моҳҳои март – апрели соли 2017: Талаби сарвазир дар мавриди қатъ намудани «облава» ва судҳо аз рӯи ҳолатҳои «меҳтарсолорӣ» (Требование вице – премьера прекратить «облавы» и суды по факту «дедовщины»), 10.05.2017 http://www.notorturetj.org/press/obzor – smi – za – mart – aprel – 2017 – trebovanie – vice – premera – prekratit – oblavy – i – sudy – po – faktu
3. Тафсири ВАО барои моҳи майи соли 2017: Мактуби модарони аскарон ва оғози татбиқи лоиҳаи калони мубориза бар зидди шиканҷа (Письмо матерей солдат и начало реализации масштабного проекта по искоренению пыток), 08.06.2017 http://www.notorturetj.org/press/obzor – smi – za – may – 2017 – pismo – materey – soldat – i – nachalo – realizacii – masshtabnogo – proekta – po

[7] Ҳамагӣ 7: ба забори русӣ – 3 ва ба забони тоҷикӣ – 4.

4. Аз «Тақдирҳои шикаста» то мониторинги муассисаҳои пӯшида, 14.01.2017. http://notorture.tj/tj/press/az – takdirkhoi – shikasta – monitoringi – muassisakhoi – pushida
5. «Облава» дар кишвар ҷой дорад, 14.03.2017 http://notorture.tj/tj/press/oblava – dar – kishvar – choy – dorad
6. Агар патриотизми замони шӯравӣ мебуд…, 13.04.2017, http://notorture.tj/tj/press/agar – patriotizmi – zamoni – shuravi – mebud
7. Апрел: Инъикоси чораҳои пешгирии шиканҷа, 11.05.2017 , http://notorture.tj/tj/press/aprel – inikosi – chorakhoi – peshgirii – shikancha

## МАВОД/МАҚОЛА/ҲИСОБОТҲОИ ТАҲЛИЛӢ

1. Ҳаёт баъди шиканҷа (Жизнь после пыток), 05.01.2017 http://notorturetj.org/analytics/zhizn – posle – pytok
2. Оё аскари қаторӣ Эҳсон Элчибеков аз ҷониби ҳамхизмати худ буғӣ карда шуд? (Солдат Эхсон Элчибеков был задушен сослуживцем?), 22.02.2017 http://www.notorturetj.org/analytics/soldat – ehson – elchibekov – byl – zadushen – sosluzhivcem
   (Марги мармузи Эҳсон Элчибеков дар қисми ҳарбӣ, 22.02.2017 http://notorture.tj/tj/analytics/margi – marmuzi – ekhson – elchibekov – dar – kismi – kharbi )
3. Сокини маъюби Ҳисорро баъди «облава» аз хизмат озод карданд (Жителя Гиссара с инвалидностью после "облавы" освободили от армии), 13.04.2017 http://www.notorturetj.org/analytics/zhitelya – gissara – s – invalidnostyu – posle – oblavy – osvobodili – ot – armii
4. Харитаи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаи эҳтимолӣ дар Тоҷикистон (Карта возможного применения пыток и жестокого обращения в Таджикистане), 24.05.2017 http://www.notorturetj.org/analytics/karta – vozmozhnogo – primeneniya – pytok – i – zhestokogo – obrashcheniya – v – tadzhikistane
   (Харитаи истифодаи шиканҷа ва муносибати бераҳмонаи эҳтимолӣ дар Тоҷикистон, 24.05.2017 http://www.notorturetj.org/tj/analytics/haritai – istifodai – shikancha – va – munosibati – berakhmonai – ekhtimoli – dar – tochikiston )
5. Ҳодиса дар Регар рӯй дода буд, ё Тафтишоти бошиканҷа (Дело было в Регаре, или Следствие с пристрастиями), 16.06.2017 http://www.notorturetj.org/analytics/delo – bylo – v – regare – ili – sledstvie – s – pristrastiyami
6. Амали «ғайриҷиноятӣ» («Неподсудное» дело), 19.06.2017 http://www.notorturetj.org/analytics/nepodsudnoe – delo
7. Баррасии шикояти модари ҷавони фавтида ба таъхир афтод, 14.01.2017 http://notorture.tj/tj/analytics/barrasii – shikoyati – modari – chavoni – favtida – ba – tahir – aftod
8. «Облава» дар мекӯбад?, 23.03.2017 http://notorture.tj/tj/analytics/oblava – dar – mekubad

9. Се сокини Ёвон зери шиканҷа гуноҳро ба гардан гирифтаанд?, notorture.tj/tj/analytics/se – sokini – yovon – zeri – shikancha – gunokhro – ba – gardan – giriftaand
10. Сайёдро баъди “облава”... аз хидмат озод карданд.., 13.04.2017, http://notorture.tj/tj/analytics/sayyodro – badi – oblava – az – hidmat – ozod – kardand
11. "Илтимос, маро бубахшед..." Эълони ҳукми гунаҳкорони марги Элчибеков, 21.04.2017, http://notorture.tj/tj/analytics/iltimos – maro – bubahshed – eloni – khukmi – gunakhkoroni – margi – elchibekov
12. Фирӯз санг партофт?... Санг ба ягон кас расид?, 18.05.2017, http://notorture.tj/tj/analytics/firuz – sang – partoft – sang – ba – yagon – kas – rasid
13. Фарҳод наметавонад ба ватан баргардад, 16.06.2017, http://notorture.tj/tj/analytics/farkhod – nametavonad – ba – vatan – bargardad

## ИНФОГРАФИКА:

1. Шиканҷа дар тоҷикистон бо рақамҳо (Пытки в Таджикистане в цифрах)[8]
2. Ба армия рафтанд ё барои латукӯб шудан? (Отправились в армию или на побои?)[9] (Ба артиш рафтанд ё латукӯб?[10])
3. Дар сурати дучор шудан бо облава ва меҳтарсолорӣ (дедовшина) ба куҷо бояд муроҷиат кард? (Куда обращаться в случае облавы и дедовщины?)[11] (Дар сурати дучор шудан ба иҳотагирӣ ва меҳтарсолорӣ ба куҷо бояд муроҷиат кард?[12])
4. Сарбоз кадом ҳуқуқҳоро дорад[13] (Какие права имеет солдат? [14])

## МУЛТИМЕДИА

1. Хешовандон аз муҷозоти афсари масъули марги фарзандашон қонеъ нестанд, 30.03.2017 , http://notorture.tj/tj/video/heshovandon – az – muchozoti – afsari – masuli – margi – farzandashon – kone – nestand
2. Эълони ҳукми гунаҳкорони марги Элчибеков, 21.04.2017, http://notorture.tj/tj/video/eloni – khukmi – gunakhkoroni – margi – elchibekov
3. Нашри харитаи шиканҷаву бадрафторӣ дар Тоҷикистон. ВИДЕО
4. 25.05.2017, http://notorture.tj/tj/video/nashri – haritai – shikanchavu – badraftori – dar – tochikiston – video

---

[8] http://notorturetj.org/news/pytki-v-tadzhikistane-v-cifrah-infografika

[9] http://notorturetj.org/news/otpravilis-v-armiyu-ili-na-poboi-infografika
[10] http://www.notorturetj.org/tj/news/ba-artish-raftand-yo-latukub-infografika
[11] http://www.notorturetj.org/news/kuda-obrashchatsya-v-sluchae-oblavy-i-dedovshchiny-infografika
[12] http://www.notorturetj.org/tj/news/dar-surati-duchor-shudan-ba-ikhotagiri-va-mekhtarsolori-ba-kucho-boyad-murochiat-kard
[13] http://www.notorturetj.org/tj/news/sarboz-kadom-khukukkhoro-dorad-infografika
[14] http://www.notorturetj.org/news/kakie-prava-imeet-soldat-infografika

## ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ (ПРЕСС – РЕЛИЗ)

1. Даъват ба пешгирии шиканҷа дар Осиёи Марказӣ ба муносибати Рӯзи байналмилалии дастгирии қурбониёни шиканҷа[15] (Призыв к прекращению пыток в Центральной Азии в связи с празднованием Международного дня поддержки жертв пыток[16] , Calling for an End to Torture in Central Asia on International Anti – Torture Day[17])
2. Дар Тоҷикистон иқдоми «Ман муқобили шиканҷа! Имрӯз! Фардо! Ҳамеша!» амал менамояд[18] (В Таджикистане проводится акция «Я против пыток сегодня, завтра, всегда![19]», Campaign entitled "I am against torture today, tomorrow, and always!" implemented in Tajikistan[20])
3. Рӯзи касбиатон муборак, адвокатҳо![21]) (С профессиональным праздником, адвокаты![22])
4. Рӯзи озодии матбуот: Эътилофи зидди шиканҷа журналистонро қадрдонӣ кард[23] (Коалиция поощрила журналистов, освещающих вопросы борьбы с пытками[24])
5. Эътилофи зидди шиканҷа бо дастгирии ИА амалисозии лоиҳаи бузургеро барои решакан намудани шиканҷа дар Тоҷикистон оғоз мекунад[25] («Антипыточная коалиция» при поддержке ЕС начинает реализацию масштабного проекта по искоренению пыток в Таджикистане[26])
6. Дар Тоҷикистон амалисозии лоиҳаи нав оид ба пешбурд ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бо дастгирии Иттиҳоди Аврупо оғоз мешавад[27] (В Таджикистане начинается реализация нового проекта по продвижению и защите прав человека при поддержке Европейского Союза[28] (, New human rights project to be implemented with EU support in Tajikistan[29])
7. Эътилофи зидди шиканҷа рӯзноманигоронро қадрдонӣ мекунад[30] (Коалиция против пыток поощрит журналистов в честь Всемирного дня свободы прессы[31])
8. Дар Душанбе лоиҳаи нави ҳуқуқи инсон бо дастгирии молиявии ИА оғоз гардид[32] (В Душанбе началась реализация нового проекта ЕС по правам человека[33], New EU – funded Human Rights Project launched in Dushanbe[34])

---

[15] http://www.notorturetj.org/tj/news/davat-ba-peshgirii-shikancha-dar-osiyoi-markazi-ba-munosibati-ruzi-baynalmilalii-dastgirii
[16] http://www.notorturetj.org/news/prizyv-k-prekrashcheniyu-pytok-v-centralnoy-azii-v-svyazi-s-prazdnovaniem-mezhdunarodnogo-dnya
[17] http://www.notorturetj.org/en/news/calling-end-torture-central-asia-international-anti-torture-day
[18] http://www.notorturetj.org/tj/news/dar-tochikiston-ikdomi-man-mukobili-shikancha-imruz-fardo-khamesha-amal-menamoyad
[19] http://www.notorturetj.org/news/v-tadzhikistane-provoditsya-akciya-ya-protiv-pytok-segodnya-zavtra-vsegda
[20] http://www.notorturetj.org/en/news/campaign-entitled-i-am-against-torture-today-tomorrow-and-always-implemented-tajikistan
[21] http://www.notorturetj.org/tj/news/ruzi-kasbiaton-muborak-advokatkho
[22] http://www.notorturetj.org/news/s-professionalnym-prazdnikom-advokaty
[23] http://www.notorturetj.org/tj/news/ruzi-ozodii-matbuot-etilofi-ziddi-shikancha-zhurnalistonro-kadrdoni-kard
[24] http://www.notorturetj.org/news/koaliciya-pooshchrila-zhurnalistov-osveshchayushchih-voprosy-borby-s-pytkami
[25] http://www.notorturetj.org/tj/news/etilofi-ziddi-shikancha-bo-dastgirii-ia-amalisozii-loikhai-buzurgero-baroi-reshakan-namudani
[26] http://www.notorturetj.org/news/antipytochnaya-koaliciya-pri-podderzhke-es-nachinaet-realizaciyu-masshtabnogo-proekta-po
[27] http://www.notorturetj.org/tj/news/dar-tochikiston-amalisozii-loikhai-nav-oid-ba-peshburd-va-khimoyai-khukuki-inson-bo-dastgirii
[28] http://www.notorturetj.org/news/v-tadzhikistane-nachinaetsya-realizaciya-novogo-proekta-po-prodvizheniyu-i-zashchite-prav
[29] http://www.notorturetj.org/en/news/new-human-rights-project-be-implemented-eu-support-tajikistan
[30] http://www.notorturetj.org/tj/news/etilofi-ziddi-shikancha-ruznomanigoronro-kadrdoni-mekunad
[31] http://www.notorturetj.org/news/koaliciya-protiv-pytok-pooshchrit-zhurnalistov-v-chest-vsemirnogo-dnya-svobody-pressy
[32] http://www.notorturetj.org/tj/news/dar-dushanbe-loikhai-navi-khukuki-inson-bo-dastgirii-moliyavii-ia-ogoz-gardid
[33] http://www.notorturetj.org/news/v-dushanbe-nachalas-realizaciya-novogo-proekta-es-po-pravam-cheloveka
[34] http://www.notorturetj.org/en/news/new-eu-funded-human-rights-project-launched-dushanbe

Пешбарии торнамо ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ: айни замон торнамои Эътилоф инчунин дар шабакаҳои иҷтимоӣ саҳифаҳои худро дорад:
Дар Facebook: https://www.facebook.com/noturture.tj/,
дар Google+:https://plus.google.com/107767311153916349012,
дар Twitter: https://twitter.com/NoTorturetj,
дар Soundcloud: https://soundcloud.com/notorture – tj ва
дар Youtube: https://www.youtube.com/channel/UCWfjfabt9tacFgj – rcJZqtw,
Инчунин барои пешбарӣ намудани торнамо дар шабакаи иҷтимоии “Телеграмм” саҳифа кушода шуд – t.me/notorturetj

## ИҚДОМИ «МАН МУҚОБИЛИ ШИКАНҶА! ДИРӮЗ ИМРӮЗ! ҲАМЕША!»

***03 май*** ***Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот:*** Дар доираи мизи мудаввар, ки ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии озодии матбуот ташкил карда шуд бо ташаббуси Шӯрои ВАО – и Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии ВАО – и мустақили Тоҷикистон, Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, ТҶ «ҲОМА» ва Маркази таҳқиқоти журналистии Тоҷикистон маросими тақдими ҷоиза ба журналистон ва воситаҳои ахбори омма баргузор гардид. Намояндагони Эътилоф ба журналистон ва ВАО, ки дар фаъолияти худ проблемаи шиканҷаро бештар интишор мекунанд изҳори миннатдорӣ намуда ба онҳо диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ тақдим карданд.

Шахсон ва агентиҳои иттилоотии зерин барои саҳмгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ инсон ба номзади интихоб ва қадрдонӣ карда шуданд: Радиои «Озодӣ» – Муҳаррир Хуршеди Ҳамдам, АИ «Азия – Плюс» – Роҳбар Зебо Тоҷибоева, Ҳафтаномаи «Фараж» – Сармуҳаррир Фазлиддин Хоҷаев ва АИ «Озодагон» – Муҳаррир Абдулазиз Восиев.
Журналистон: 1. Мирзонабӣ Холиқзода, журналисти «Озодӣ»; 2. Мавзуна Абдуллоева, журналисти АИ «Азия – Плюс»; 3. Шамсулло Фозилов, журналисти «Фараж»; 4. Алишер Зарипов, журналисти «Озодагон».

***Ҷойгир кардани навиштаҳо (титр) дар экранҳо ва мониторҳо дар шаҳри Душанбе:*** Дар доираи иқдом, аз 21 то 23 июн дар экранҳои калони шаҳри душанбе: назди меҳмонхонаи «Тоҷикистон», бинои Телевизиони «Сафина» ва муҷассамаи Исмоили Сомонӣ видео роликҳо бо навиштаҳо (титрҳо) ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ намоиш дода шуданд: моддаи 18 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад» ва иқтибосҳо аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ «Бо дарназардошти арзиши олии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон қатъиян иброз менамоям, ки ҳеҷ як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ягон маврид ҳуқуқи истифодаи шиканҷа ва паст задани қадру қимати инсонро надорад.



***Иқдом да торнамои Эътилоф ва саҳифаҳои Эътилоф дар шабакаҳои иҷтимоӣ:*** Аз 19 июн ва то охири моҳи июн аз ҷониби Эътилоф ҳамарӯза дар торнамои www.notorturetj.org ва саҳифаҳои худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ қиссаҳои ҷабрдидагони ҳолатҳои шиканҷа ва муносибати бераҳмона тариқи аксҳо ҷойгир карда шуд.

Ҳамагӣ 17 қисса тариқи аксҳо ҷойгир карда шуд:

1. Сарбози 18 – сола Абдуваҳоб Қаюмов моҳи июли соли 2015 аз дасти куҳнасарбозон ба ҳалокат расид (18 – летний солдат – срочник Абдувахоб Каюмов, скончался в июле 2015 года от рук старослужащих)[35]
2. Сарбоз Мақсуд Носиров моҳи январи соли 2014 аз дасти куҳнасарбозон ба ҳалокат расид (Солдат – срочник Максуд Носиров, скончался от рук старослужащих в январе 2014 года)[36]
3. Сарбози 22 – сола Фирдавс Раҳматов аз дасти куҳнасарбозон ба ҳалокат расид (22 – летний солдат – срочник Фирдавс Рахматов, скончался от рук старослужащих)[37]
4. Сафаралӣ Сангови 37 – сола дар натиҷаи шиканҷа моҳи марти соли 2011 дар бинои ШВКД – 1 – и ноҳияи Сино вафот кард (37 – летний Сафарали Сангов скончался в результате пыток в марте 2011 года в здании ОМВД – 1 столичного района Сино)[38]
5. Сарбоз Фаррухҷон Ҳайталиев моҳи январи соли 2016 вафот кард (Солдат – срочник Фарухджон Хайталиев, скончался в январе 2016 года)[39]
6. Сарбоз Шаҳбол Мирзоеви 23 – сола моҳи марти соли 2014 қурбонии «меҳтарсолорӣ» гардид ва маъюб монд (23 – летний Шахбол Мирзоев, солдат – срочник, в марте 2014 года стал жертвой «дедовщины» и остался калекой)[40]
7. Баҳромиддин Шодиеви 28 – сола моҳи октябри соли 2011 дар бинои ШВКД – и ноҳияи Шоҳмансур дар натиҷаи истифодаи шиканҷа фавтид (28 – летний Бахромиддин Шодиев скончался в октябре 2011 года в здании ОМВД столичного района Шохмансур в результате примененных пыток)[41]
8. Исмоил Бачаҷонови 32 – сола моҳи январи соли 2011 дар тавқифгоҳи тафтишотии №1 – и шаҳри Душанбе дар натиҷаи зӯроварии ҷисмонӣ вафот кард (32 – летний Исмоил Бачаджонов скончался в январе 2011 года в следственном изоляторе №1 в Душанбе в результате применения физического насилия)[42]
9. Исмонбой Бобоеви 30 – сола моҳи феврали соли 2010 дар бинои ШММЗҶМ – и вилояти Суғд эҳтимолан дар натиҷаи шиканҷа вафот кард (30 – летний

[35] http://www.notorturetj.org/news/18-letniy-soldat-srochnik-abduvahob-kayumov-skonchalsya-v-iyule-2015-goda-ot-ruk
[36] http://www.notorturetj.org/news/soldat-srochnik-maksud-nosirov-skonchalsya-ot-ruk-starosluzhashchih-v-yanvare-2014-goda
[37] http://www.notorturetj.org/news/22-letniy-soldat-srochnik-firdavs-rahmatov-skonchalsya-ot-ruk-starosluzhashchih
[38] http://www.notorturetj.org/news/37-letniy-safarali-sangov-skonchalsya-v-rezultate-pytok-v-marte-2011-goda-v-zdanii-omvd-1
[39] http://www.notorturetj.org/news/soldat-srochnik-faruhdzhon-haytaliev-skonchalsya-v-yanvare-2016-goda
[40] http://www.notorturetj.org/news/23-letniy-shahbol-mirzoev-soldat-srochnik-v-marte-2014-goda-stal-zhertvoy-dedovshchiny-i
[41] http://www.notorturetj.org/news/28-letniy-bahromiddin-shodiev-skonchalsya-v-oktyabre-2011-goda-v-zdanii-omvd-stolichnogo-rayona
[42] http://www.notorturetj.org/news/32-letniy-ismoil-bachadzhonov-skonchalsya-v-yanvare-2011-goda-v-sledstvennom-izolyatore-no1-v

Исмонбой Бобоев, скончался в феврале 2010 года в здании РОБОП Согдийской области, предположительно, в результате пыток)[43]

10. Дилшодбек Муродови 47 – сола, маҳбуси колонияи ислоҳотии №3/1 – и СРИҶҶ Вазорати адлияи ҶТ моҳи августи соли 2009 эҳтимолан дар натиҷаи шиканҷа вафот кард (47 – летний Дилшодбек Муродов, заключенный ИК №3/1 ГУИУН Минюста РТ, скончался в августе 2009 года, предположительно, в результате пыток)[44]
11. Сарбоз Акмал Давлатов моҳи апрели соли 2014 аз дасти куҳнасарбозон ба ҳалокат расид (Солдат – срочник Акмал Давлатов, погиб от рук старослужащих в апреле 2014 года)[45]
12. Сарбози 20 – сола Парвиз Дӯстматов моҳи июли соли 2015 аз дасти ҳамхизматаш ба ҳалокат расид (20 – летний солдат срочной службы Парвиз Дустматов, скончался в июле 2015 года от рук сослуживца)[46]
13. Сокини 25 – солаи шаҳри Душанбе, ронандаи таксӣ Шамсиддин Зайдуллоев моҳи апрели соли 2015 бо гумони гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир боздошт гардид… (25 – летний житель Душанбе, водитель такси Шамсиддин Зайдуллоев был задержан в апреле 2015 года по подозрению в незаконном обороте наркотиков…) [47]
14. Сокини 37 – солаи шаҳри Турсунзода Уктамҷон Игамов 2 – юми июни соли 2016 дар СИЗО – и Хуҷанд эҳтимолан дар натиҷаи муносибати бераҳмона аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фавтид (37 – летний житель Турсунзаде Уктамджон Игамов скончался 2 июня 2016 года в СИЗО Худжанда, предположительно, в результате жестокого обращения со стороны сотрудников правоохранительных органов)[48]
15. Ҳамзалӣ Икромзодаи 27 – сола моҳи сентябри соли 2012 дар колонияи ислоҳотии №3/1 – и Вазорати адлияи ҶТ эҳтимолан дар натиҷаи латукӯб ва шиканҷа фавтид (27 – летний Хамзали Икромзода скончался в сентябре 2012 года в душанбинской исправительной колонии №3/1 Минюста РТ, предположительно, в результате побоев и пыток)[49]
16. Духтур – онкологи муваффақ Хуршед Бобокалонови 33 – сола моҳи июни соли 2009 ҳангоми боздоште, ки аз ҷониби кормандони ШВКД ноҳияи Исмоили Сомонӣ амалӣ гардид, вафот кард (33 – летний Хуршед Бобокалонов, перспективный врач – онколог, скончался в июне 2009 года при задержании, произведенном сотрудниками ОМВД столичного района Исмоили Сомони)[50]

---

[43] http://www.notorturetj.org/news/30-letniy-ismonboy-boboev-skonchalsya-v-fevrale-2010-goda-v-zdanii-robop-sogdiyskoy-oblasti
[44] http://www.notorturetj.org/news/47-letniy-dilshodbek-murodov-zaklyuchennyy-ik-no31-guiun-minyusta-rt-skonchalsya-v-avguste-2009
[45] http://www.notorturetj.org/news/soldat-srochnik-akmal-davlatov-pogib-ot-ruk-starosluzhashchih-v-aprele-2014-goda
[46] http://www.notorturetj.org/news/20-letniy-soldat-srochnoy-sluzhby-parviz-dustmatov-skonchalsya-v-iyule-2015-goda-ot-ruk
[47] http://www.notorturetj.org/news/25-letniy-zhitel-dushanbe-voditel-taksi-shamsiddin-zaydulloev-byl-zaderzhan-v-aprele-2015-goda
[48] http://www.notorturetj.org/news/37-letniy-zhitel-tursunzade-uktamdzhon-igamov-skonchalsya-2-iyunya-2016-goda-v-sizo-hudzhanda
[49] http://www.notorturetj.org/news/27-letniy-hamzali-ikromzoda-skonchalsya-v-sentyabre-2012-goda-v-dushanbinskoy-ispravitelnoy
[50] http://www.notorturetj.org/news/33-letniy-hurshed-bobokalonov-perspektivnyy-vrach-onkolog-skonchalsya-v-iyune-2009-goda-pri

